Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

УДК 517.5

Бо ҳуқуқи дастхат

Шамсиддинзода Саъдӣ Абдуқосим

ДОИМИҲОИ АНИҚ ДАР НОБАРОБАРИИ НАМУДИ ҶЕКСОН–СТЕЧКИН БАРОИ НАЗДИККУНИИ МУШТАРАКИ БЕҲТАРИНИ ФУНКСИЯҲО ВА ҲОСИЛАҲОИ ПАЙДАРПАЙИ ОНҲО ДАР ФАЗОИ L_2

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор
аз рӯи ихтисоси 6D060100 – Математика (6D060102 – Таҳлили ҳақиқӣ,
комплексӣ ва функсионалӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои физикаю
математика, дотсент Юсупов Г.А.

ДУШАНБЕ – 2026

Мундариҷа

Ишораҳо

$\mathbb{N}$ — маҷмуи ададҳои натуралӣ;

$\mathbb{Z}_+$ — маҷмуи ададҳои бутуни ғайриманфӣ;

$\mathbb{R}$ — маҷмуи ададҳои ҳақиқӣ;

$\mathbb{R}_+$ — маҷмуи ададҳои ҳақиқии мусбат;

$L_2 := L_2[0, 2\pi]$ — фазои функсияҳои 2π-даврии бо квадрат суммиронидашавандаи ба маънои Лебег ченшаванда;

$\mathcal{T}_{2n-1}$ — зерфазои бисёраъзогиҳои тригонометрии тартибашон $n-1$;

$E_{n-1}(f)_2$ — бузургии наздиккунии беҳтарини функсияҳои $f \in L_2$;

$\Delta_h^m f(x)$ — фарқи тартиби m-уми функсияи $f \in L_2$ дар нуқтаи x аз руи қадами h;

$\omega_m(f, \delta)_2$ — модули бефосилагии тартиби m-уми функсияи $f \in L_2$;

$\Omega_m(f, t)_2$ — модули бефосилагии умумикардашудаи тартиби m-уми функсияи f дар фазои L_2;

sup — сарҳади аниқи болоӣ;

inf — сарҳади аниқи поёнӣ;

$a_k(f),\ b_k(f)$ — косинус- ва синус-коэффисиентҳои Фурйеи функсияи f;

$\mathbb{S} := \{f \in L_2 :\ \|f\| \leq 1\}$ — кураи воҳидӣ дар фазои L_2;

$\mathfrak{M}$ — маҷмуи марказӣ-симметрӣ аз фазои L_2;

$\Lambda_n \subset L_2$ — зерфазои n-ченака;

$\Lambda^n \subset L_2$ — зерфазои ҳамандозаи n;

$\mathcal{L} : L_2 \to \Lambda_n$ — оператори хаттии бефосила;

$\mathcal{L}^{\perp}: L_2 \to \Lambda_n$ — оператори хаттии бефосилаи проексионӣ;

$b_n(\mathfrak{M}, L_2)$ — қутри бернштейнии маҷмуи $\mathfrak{M}$ дар L_2;

$d_n(\mathfrak{M}, L_2)$ — қутри колмогоровии маҷмуи $\mathfrak{M}$ дар L_2;

$\lambda_n(\mathfrak{M}, L_2)$ — қутри хаттии маҷмуи $\mathfrak{M}$ дар L_2;

$d^n(\mathfrak{M}, L_2)$ — қутри гелфандии маҷмуи $\mathfrak{M}$ дар L_2;

$\pi_n(\mathfrak{M}, L_2)$ — қутри проексионии маҷмуи $\mathfrak{M}$ дар L_2;

$\rho_n(\cdot)$ — ихтиёри аз n-қутрҳои дар боло овардашуда;

$\mathcal{P}_{n-1}$ — маҷмуи бисёраъзогиҳои алгебравии тартибашон на зиёда аз $n-1$;

$\Phi(t)$ — мажорантаи ихтиёрӣ.

Муқаддима

Мубрамии мавзуи тадқиқот. Назарияи наздиккунии функсияҳо яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбандаи таҳлили математикӣ ба шумор рафта, дорои татбиқҳои муҳим дар соҳаҳои гуногуни математикаи амалӣ мебошад. Дар ин назария масъалаҳои экстремалии наздиккуни беҳтарини функсияҳои дифференсиронидашавандаи 2π-даврӣ ба воситаи бисёраъзогиҳои тригонометрӣ дар фазоҳои гуногуни банахӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд.

Дар замони ҳозира, воридшавии афкор ва усулҳои назарияи наздиккунии функсияҳо ба соҳаҳои гуногуни илми математика, махсусан дар самтҳои амалӣ, бисёр мушоҳида мешавад. Асоси назарияи наздиккунӣ, ки дар асарҳои машҳури классикии Чебишёв, Вейерштрасс, Ҷексон ва Бернштейн оид ба наздиккунии функсияҳо тавассути бисёраъзогиҳо гузошта шудааст, бознигарӣ гардида, дар заминаи васеътар ва мустаҳкамтар инкишоф меёбад. Маълум аст, ки масъалаҳои аппроксиматсионӣ, ки дар синфҳои функсияҳо гузошта мешаванд, дар бисёр ҳолатҳо масъалаҳои экстремалие мебошанд, ки дар онҳо ёфтани сарҳади аниқи болоии саҳви наздиккунӣ барои усули додашуда дар синфи функсияҳои қайдкардашуда талаб карда мешавад, ё ин ки барои ин синф методҳои беҳтарини наздиккунӣ нишон дода шавад.

Ҳалли масъалаҳои экстремалиро барои синфҳои функсияҳои муайян баррасӣ намуда, дар диссертатсияи мазкур бо ҳолати функсияҳои даврӣ маҳдуд мешавем, яъне дар рисолаи илмӣ як қатор масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои даврӣ ба воситаи бисёраъзогиҳои тригонометрӣ дар фазои гилбертии L_2 таҳлил карда мешаванд. Натиҷаҳои ниҳоӣ оид ба сарҳади болоии тамоили бисёраъзогиҳои тригонометрӣ барои синфҳои гуногуни функсияҳои даврӣ баён карда мешаванд.

Дар боби аввал маводи таҳиявӣ ҷамъоварӣ гардида, масъалаҳои экстремалии ҳанӯз ҳалнашуда дар ҳар як ҳолати мушаххас ба таври муфассал таҳия ва таҳлил карда мешаванд. Аслан, ин масъалаҳо барои наздиккунии муштараки функсияҳо ва ҳосилаҳои мобайнии онҳо бахшида шудаанд. Сипас, масъалаҳои таҳияшуда дар бобҳои минбаъдаи диссертатсия барои синфҳои гуногуни функсияҳои даврӣ ҳал карда мешаванд. Натиҷаҳои бадастомада ниҳоӣ мебошанд ва дар асл ҳеҷ чизро ба онҳо илова ё аз онҳо кам кардан мумкин нест. Маҳз ҳамин омилҳо аҳамият ва мақсаднокии мавзуи интихобшудаи ин рисолаи илмиро муайян менамоянд.

Дараҷаи кор карда баромадани мавзуи тадқиқот. Дар байни самтҳои муосири таҳлили математикӣ, назарияи аппроксиматсияи функсияҳо мавқеи хосро ишғол мекунад, зеро яке аз соҳаҳои босуръат инкишофёбандаи он ба шумор рафта, дар математикаи амалӣ татбиқҳои васеъ пайдо намудааст. Дар доираи ин назария масъалаҳои экстремалии наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳои 2π-даврӣ бо бисёраъзогиҳои тригонометрӣ дар фазоҳои гуногуни банахӣ аҳамияти назаррас доранд. Масъалаи наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳои дифференсиронидашавандаи даврӣ ба воситаи бисёраъзогиҳои тригонометрӣ дар метрикаи мунтазам бори аввал соли 1960 аз ҷониби А.Л. Гаркави [26] тадқиқ шудааст. Худи ҳамон сол А.Ф. Тиман [71] масъалаи гузошташударо барои ҳолати наздиккунии беҳтарини функсияҳои дар тамоми тири ададӣ додашуда тавассути функсияҳои бутуни экспоненсиалӣ мавриди омӯзиш қарор дода буд.

Масъалаи наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои онҳо, ки дар шакли умумитар ҳам барои бисёраъзогиҳои алгебравӣ ва ҳам барои бисёраъзогиҳои тригонометрӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, дар монографияи В.Н. Малозёмов [51] ба таври муфассал омӯхта шуда, дар он як қатор натиҷаҳои классикии назарияи наздиккунии функсияҳо барои ҳолати наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои онҳо умумӣ гардонида шудаанд. Барои баъзе функсияҳои даврии дифференсиронидашаванда дар фазои L_2 бо вазни миёнакардашудаи модули бефосилагии тартиби олӣ, ки аз боло бо мажорантаи додашуда маҳдуд мебошанд, масъалаи гузошташуда дар корҳои С.Б. Вакарчук ва В.И. Забутная [21], М.Ш. Шабозов ва А.А. Шабозова [94] ва инчунин М.Ш. Шабозов [96] дида баромада шудааст.

Дар тадқиқоти мазкур, корҳои муаллифони дар боло зикршударо идома дода, масъалаи экстремалии умумитар мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, яъне талаб карда мешавад, ки сарҳади аниқи болоии наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои пай дар пайи онҳо тавассути бисёраъзогиҳои мувофиқ ёфта шавад.

Дар рисолаи мазкур наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳо ба воситаи бисёраъзогиҳои тригонометрӣ пурра ҳал карда шудааст. Қимати аниқи сарҳади болоии наздиккунии муштараки беҳтарин барои баъзе синфи функсияҳо, ки ба фазои гилбертии $L_2[0, 2\pi]$ тааллуқ доранд, ҳисоб карда шудааст.

Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар доираи татбиқи дурнамои нақшаи илмӣ-тадқиқотии кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ барои солҳои 2021-2025 аз рӯи мавзуи «Назарияи наздиккунии функсияҳои дифференсиронидашавандаи даврӣ» бахшида ба «Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 оид ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040» (Банди 38) иҷро карда шудааст.

Тавсифи умумии тадқиқот

Мақсади тадқиқот. Ҳадафи асосии кори диссертатсионӣ дар ҳалли масъалаҳои экстремалӣ ифода меёбад, ки ба ёфтани қиматҳои аниқи сарҳадҳои болоии наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳои даврӣ ва ҳосилаҳои фосилавии онҳо тавассути бисёраъзогиҳои тригонометрӣ дар метрикаи фазои $L_2[0, 2\pi]$ вобаста мебошанд.

Масъалаҳои тадқиқот. Дар мувофиқат бо ҳадафи гузошташуда масъалаҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- ёфтани қимати аниқи сарҳадҳои болоии наздиккунии муштараки беҳтарин ва ҳосилаҳои пайдарпайи он тавассути бисёраъзогиҳо ва ҳосилаҳои мутаносиби онҳо барои баъзе синфи функсияҳои даврӣ, ки ба фазои $L_2[0, 2\pi]$ тааллуқ доранд;
- ёфтани нобаробариҳои нави аниқ байни бузургиҳои наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои дифференсиронидашаванда ва интегралҳое, ки қимати модули бефосилагии миёнакардашудаи тартиби m-умро аз қимати сарҳадӣ дар фазои гилбертии $L_2[0, 2\pi]$ дар бар мегиранд;
- ёфтани қимати аниқи n-қутрҳои бернштейнӣ, колмогоровӣ, гелфандӣ, хаттӣ ва проексионии синфҳои функсияҳое, ки ба воситаи модули бефосилагии тартиби олӣ дода мешаванд.

Объекти тадқиқот. Объекти асосии тадқиқотро масъалаҳои гуногуни экстремалӣ ташкил медиҳанд, ки бо наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои онҳо тавассути бисёраъзогиҳои тригонометрӣ дар фазои $L_2[0, 2\pi]$ вобаста мебошанд.

Предмети тадқиқот. Мавзуи тадқиқот аз муайянсозии нобаробариҳои аниқи намуди Ҷексон–Стечкин, ки наздиккунии муштараки беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои фосилавии онҳоро бо модулҳои бефосилагии умумикардашудаи тартиби олӣ $\Omega_m(f,t)$ – ро дар метрикаи фазои $L_2[0,2\pi]$ алоқаманд менамоянд, иборат мебошад.

Навгониҳои илмии тадқиқот. Дар диссертатсия натиҷаҳои асосии зерин ба даст оварда шудаанд:

- қимати аниқи сарҳадҳои болоии наздиккунии муштараки беҳтарин ва ҳосилаҳои пайдарпайи он тавассути бисёраъзогиҳо ва ҳосилаҳои мутаносиби онҳо барои баъзе синфи функсияҳои даврӣ, ки ба фазои $L_2[0,2\pi]$ тааллуқ доранд, ёфта шуданд;
- нобаробариҳои нави аниқ байни бузургиҳои наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои дифференсиронидашаванда ва интегралҳое, ки қимати модули бефосилагии миёнакардашудаи тартиби m-умро аз қимати сарҳадӣ дар фазои гилбертии $L_2[0,2\pi]$ дар бар мегиранд, ёфта шуданд;
- қимати аниқи n-қутрҳои бернштейнӣ, колмогоровӣ, гелфандӣ, хаттӣ ва проексионии синфҳои функсияҳое ёфта шуданд, ки ба воситаи модули бефосилагии тартиби олӣ дода мешаванд.

Арзишҳои назариявӣ ва илмию амалӣ. Кори диссертатсионии мазкур хусусияти фундаменталии назариявӣ дорад. Натиҷаҳо ва усулҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, метавонанд барои таҳлили масъалаҳои экстремалӣ дар назарияи наздиккунии функсияҳои якчандтағйирёбанда истифода шаванд, ки ҳам ба соҳаҳои маҳдуд ва ҳам ба тамоми ҳамвории дученака татбиқшаванда мебошанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- теоремаҳо оид ба қиматҳои аниқи сарҳадҳои болоии наздиккуниҳои муштараки беҳтарини миёнаквадратӣ бо бисёраъзогиҳо барои синфҳои муайяни функсияҳои дифференсиронидашавандаи даврӣ, ки тавассути модулҳои бефосилагии умумикардашуда дода шудаанд;

- исботи теоремаҳо оид ба нобаробариҳои аниқи намуди Ҷексон–Стечкин, ки наздиккунии муштараки беҳтаринро тавассути $\Omega_m(f,t)$ — модули бефосилагии умумикардашуда тавсиф менамоянд;
- теоремаҳо оид ба қимати аниқи n-қутрҳои бернштейнӣ, колмогоровӣ, гелфандӣ, хаттӣ ва проексионии синфҳои функсионалӣ дар метрикаи фазои L_2.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии кори диссертатсионӣ бо исботи дақиқи математикии ҳамаи теоремаҳои дар диссертатсия овардашуда таъмин карда мешавад ва ҳамзамон бо тадқиқотҳои муаллифони дигар тасдиқ карда мешавад.

Мутобиқатии рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (формула ва соҳаи тадқиқот). Кори диссертатсионӣ аз руйи ихтисоси 6D060102 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ иҷро карда шудааст ва қисмате аз таҳлили математикӣ мебошад. Мавзуи тадқиқот ба соҳаи назарияи наздиккунии функсияҳо тааллуқ дошта, натиҷаҳои бадастомада ба самтҳои зерин мувофиқ мебошанд:

1) Назарияи фазоҳои функсионалӣ ва хусусиятҳои сохтории онҳо;
2) Назарияи наздиккунии функсияҳо ва усулҳои наздиккунии полиномиалӣ ва қаторӣ;
3) Тадқиқи хосиятҳои сохтории фазоҳои функсионалӣ, ки дар онҳо масъалаҳои наздиккунии функсияҳо баррасӣ мегарданд.

Самтҳои зикршуда ба бахши «Назарияи наздиккунии функсияҳо» тааллуқ доранд, ки дар банди III, параграфи 3-юми шиносномаи ихтисоси илмӣ зикр шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Масъалаҳои тадқиқот ва интихоби усули ҳалли онҳо бо роҳнамоии роҳбари илмӣ муайян шудаанд. Ҳамзамон машваратҳои илмии зарурӣ низ пешниҳод гардидаанд. Натиҷаҳои асосие, ки дар қисмати «Навгониҳои илмии тадқиқот» оварда шудаанд, самараноки заҳмати шахсии муаллиф маҳсуб меёбанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар семинарҳо ва конференсияҳои зерин муҳокима ва баррасӣ гардиданд:

- семинарҳои кафедраи таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии академики АМИТ, профессор М.Ш. Шабозов (Душанбе, солҳои 2020–2026 гг.);
- семинарҳои кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти роҳбарии доктори илмҳои физикаю математика, дотсент Г.А. Юсупов (Душанбе, солҳои 2022–2026 гг.);
- конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои муосири таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ», бахшида ба 70-солагии академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор К.Х. Бойматов (Душанбе, 25–26 декабри соли 2020);
- конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои муосири назарияи ададҳо ва таҳлили математикӣ», бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои физикаю математика, профессор Додоҷон Исмоилов (Душанбе, 29–30 апрели соли 2022);
- конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои муосири таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо», бахшида ба 70-солагии академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор М.Ш. Шабозов (Душанбе, 24–25 июни соли 2022);
- конференсияи байналмилалии «Саҳми математика дар рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ», бахшида ба эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва

риёзӣ дар соҳаи маориф (солҳои 2020-2040)» (Душанбе, 30–31 майи соли 2023);

- конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои муосири математика ва усули таълими онҳо», бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 70-солагии доктори илмҳои физикаю математика К. Тухлиев (Хуҷанд, 21–22 июни соли 2024);
- конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои муосири математика ва татбиқи онҳо», бахшида ба 75-солагии доктори илмҳои физикаю математика, профессор К.Х. Бойматов ва 75-солагии мудири шуъбаи муодилаҳои дифференсиалии Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Г. Ҷангибеков (Душанбе, 30–31 майи соли 2025).

Интишорот аз руйи мавзуи рисола. Натиҷаҳои тадқиқотии муаллифи рисолаи илмӣ оид ба мавзуи кори диссертатсионӣ дар 8 мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаааnд, ки аз онҳо 2 мақола дар нашрияҳое, ки ба руйихати амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд ва 6-тои дигар дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, феҳристи адабиёти истифодашудаи иборат аз 135 номгӯй ва ҳамагӣ 152 саҳифаи компютериро дар бар гирифта, дар барномаи замонавии LaTeX ҳуруфчинӣ шудааст. Барои осонӣ дар диссертатсия рақамгузории умумии теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ва формулаҳо истифода шудааст. Онҳо рақамгузории секарата доранд, ки рақами якум бо рақами боб, рақами дуюм бо рақами параграф ва рақами сеюм бо рақами тартибии теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ё формулаҳои ҳамин параграф мутобиқат мекунанд.

БОБИ 1. Таҳлили адабиёт оид ба нобаробарҳо байни бузургии наздиккунии беҳтарини функсияҳои даврӣ ва модулҳои бефосилагии тартибҳои гуногун

1.1. Мафҳумҳои асосӣ ва таърифҳои пешакӣ

1.1.1. Таърифи модули бефосилагӣ

Дар тамоми тадқиқотҳои минбаъда фазоҳои зерини функсияҳои дифференсиронидашавандаи 2π-даврӣ баррасӣ карда мешаванд:

$C := C[0, 2\pi]$ — фазои функсияҳои дар тамоми тири ададӣ 2π-даврии бефосилаи $f(t)$ нормаи чебишёвии

$$\|f\|_C = \max_t |f(t)|;$$

$L_p := L_p[0, 2\pi]$ $(1 \leq p < \infty,\ L_1 = L)$ — фазои функсияҳои 2π-даврии $f(t)$, ки дар фосилаи $[0, 2\pi]$ бо дараҷаи p суммиронидашаванда буда, нормаи он бо баробарии

$$\|f\|_{L_p[0,2\pi]} = \left(\int\limits_0^{2\pi} |f(t)|^p dt\right)^{1/p}$$

муайян карда мешавад (интеграл дар ҳама ҷо ба маънои Лебег фаҳмида мешавад);

$M = L_\infty[0, 2\pi]$ — фазои функсияҳои 2π-даврии $f(t)$ ба таври аслӣ дар тамоми тири ададӣ бо нормаи

$$\|f\|_M = \|f\|_{L_\infty[0,2\pi]} = \operatorname*{supvrai}_t |f(t)|$$

маҳдуд мебошанд. Ошкор аст, ки агар f функсияи бефосила бошад, он гоҳ $\|f\|_M = \|f\|_C$ аст.

Бо $C^{(r)} := C^{(r)}[0, 2\pi]$ маҷмуи функсияҳои $f \in C$ – ро ишора мекунем, ки ҳосилаи тартиби r-умашон, яъне $f^{(r)} \in C$ мебошад.

Бо $L_p^{(r)} := L_p^{(r)}[0,2\pi]\,(1 \leq p \leq \infty)$ маҷмуи функсияҳои $f \in L_p$, ки барояшон ҳосилаи тартиби $(r-1)$-ум, яъне $f^{(r-1)}$ мутлақ бефосила буда, ҳосилаҳои тартиби r-ум, яъне $f^{(r)} \in L_p,\ 1 \leq p \leq \infty$ мебошанд, ишора мекунем. Барои тадқиқотҳои минбаъда, мувофиқа мекунем, ки ба ҷойи $\|f\|_{L_p}$ ишораи $\|f\|_p$ – ро истифода мебарем ва дар назар дошта мешавад, ки дар ин ҷо $\|f\|_1 = \|f\|_L$ ва $\|f\|_\infty = \|f\|_M$ мебошанд.

Дар фазоҳои функсияҳои даврии $C[0,2\pi]$ ва $L_p[0,2\pi]$ усули наздиккунӣ бисёраъзогиҳои тригонометрии тартиби $n-1,\ n \in \mathbb{N}$-и намуди

$$T_{n-1}(t) = \frac{\alpha_0}{2} + \sum_{k=1}^{n-1}(\alpha_k \cos kt + \beta_k \sin kt) \tag{1.1.1}$$

мебошанд. Системаи функсияҳои

$$1, \cos t\,, \sin t\,, \cos 2t\,, \sin 2t\,, \ldots,\ \cos(n-1)t\,, \sin(n-1)t, \tag{1.1.2}$$

ки комбинатсияи хаттии онҳо $T_{n-1}(t)$ мебошад, хаттӣ новобаста мебошанд. Дар ҳақиқат, агар

$$\frac{\alpha_0}{2} + \sum_{k=1}^{n-1}\Big(\alpha_k \cos kt + \beta_k \sin kt\Big) \equiv 0,$$

он гоҳ ҳар ду тарафи айниятро пай дар пай ба системаи функсияҳои (1.1.2) зарб зада, дар порчаи $[0,2\pi]$ меинтегронем, он гоҳ ҳосил мекунем, ки ҳамаи коэффисиентҳои α_k ва β_k ба нол баробар мебошанд. Ҳамин тариқ, барои n-и қайдкардашуда маҷмуи бисёраъзогиҳои (1.1.1) зерфазоҳои (дар C ва ё дар L_p) ченакаш $2n-1$ мебошанд. Мо онро бо рамзи $\mathcal{T}_{2n-1}$ ишора мекунем. Барои наздиккунии беҳтарини функсияҳои $f \in X$, ки дар ин ҷо X яке аз фазоҳои C ва ё L_p мебошанд, аз руи зерфазои $\mathcal{T}_{2n-1}$ гузориши анъанавиро дохил мекунем:

$$E_{n-1}(f)_X = E(f, \mathcal{T}_{2n-1})_X = \inf_{T_{n-1}} \|f - T_{n-1}\|_X.$$

Ошкор аст, ки [28, 42–44] барои ҳаргуна функсияи $f \in X$, ки дар ин ҷо X яке аз фазоҳои C ва ё L_p $(1 \le p < \infty)$ мебошанд, дар зерфазои $\mathcal{T}_{2n-1}$ бисёраъзогии тартиби $n-1$, яъне $T^*_{n-1}(t) = T^*_{n-1}(f,t)$ мавҷуд аст, ки барояш

$$E_{n-1}(f)_X = \|f - T^*_{n-1}\|_X. \tag{1.1.3}$$

Барои мисол, баробарии (1.1.3) ҳангоми $X = C$ будан аз теоремаи Чебишёв оид ба алтернанс мебарояд (ниг., масалан, [42, с.46-48]) ва ҳангоми $X = L_2$ аз он, ки

$$\begin{aligned} E_{n-1}(f)_{L_2} = \inf\left\{\|f - T_{n-1}\|_{L_2} : T_{n-1} \in \mathcal{T}_{2n-1}\right\} = \\ = \|f - S_{n-1}(f)\|_2 = \left\{\sum_{k=n}^{\infty} \rho_k^2(f)\right\} := \\ = \left\{\sum_{k=n}^{\infty} \left(a_k^2(f) + b_k^2(f)\right)\right\}^{1/2}, \end{aligned} \tag{1.1.4}$$

ки дар ин ҷо

$$S_{n-1}(f) = \frac{a_0(f)}{2} + \sum_{k=1}^{n-1} \big(a_k(f)\cos kx + b_k(f)\sin kx\big)$$

— суммаи хусусии тартиби n-уми ҷудокунии функсияи $f(x)$ ба қатори Фурйе

$$f(x) = \frac{a_0(f)}{2} + \sum_{k=1}^{\infty} \big(a_k(f)\cos kx + b_k(f)\sin kx\big) \tag{1.1.5}$$

мебошад.

Азбаски барои функсияи $f \in L_2^{(r)}$ ҳамаи ҳосилаҳои фосилавии он $f^{(s)}$ барои ҳар гуна қиматҳои $s = 1, 2, \ldots, r-1$, $r \ge 2$, $r \in \mathbb{N}$ инчунин ба фазои L_2 тааллуқ доранд (ниг., масалан, [37, 42, 43]), он гоҳ ёфтани қимати аниқи наздиккунии муштараки беҳтарини $E_{n-1}(f^{(s)})_{L_2}$ $(s = 1, , 2, \ldots, r-$

$1,\ r\in\mathbb{N}$) дар худи синфи $L_2^{(r)}$, ё ин ки дар ягон зерсинфи $\mathfrak{M}^{(r)}\subset L_2^{(r)}$ ҷолиби диққат мебошад (ниг., масалан, корҳои илмии [95, 111, 127]).

Азбаски барои ҷудокуни ба қатори Фурйеи функсияи $f^{(s)}$ баробарии

$$\rho_k^2(f^{(s)})=k^{2s}\rho_k^2(f)=k^{2s}\big(a_k^2(f)+b_k^2(f)\big),\ s=1,2,\ldots,r$$

дуруст мебошад, он гоҳ аз ифодаи (1.1.5) меёбем:

$$E_{n-1}^2(f^{(s)})_{L_2}=\sum_{k=n}^{\infty}\rho_k^2(f^{(s)})=\sum_{k=n}^{\infty}k^{2s}\,\rho_k^2(f)=$$
$$=\sum_{k=n}^{\infty}k^{2s}\big(a_k^2(f)+b_k^2(f)\big). \tag{1.1.6}$$

Аз (1.1.6) мебарояд, ки

$$E_{n-1}^2(f^{(s)})_{L_2}=\sum_{k=n}^{\infty}k^{2s}\big(a_k^2(f)+b_k^2(f)\big)=$$
$$=\sum_{k=n}^{\infty}\frac{1}{k^{2(r-s)}}\cdot k^{2r}\big(a_k^2(f)+b_k^2(f)\big)\le$$
$$\le\frac{1}{n^{2(r-s)}}\cdot\sum_{k=n}^{\infty}k^{2r}\big(a_k^2(f)+b_k^2(f)\big)=$$
$$=\frac{1}{n^{2(r-s)}}\cdot E_{n-1}^2(f^{(r)}), \tag{1.1.7}$$

ки дар (1.1.7) аломати баробарӣ барои функсияи $f_0(x)=\cos nx\in L_2^{(r)}$ ба даст оварда мешавад.

Аз ин ҷо баробарии экстремалии

$$\sup_{\substack{f\in L_2^{(r)}\\ f\neq\text{const}}}\frac{E_{n-1}(f^{(s)})_{L_2}}{E_{n-1}(f^{(r)})_{L_2}}=\frac{1}{n^{r-s}},\quad r,s\in\mathbb{Z}_+,\quad r\ge s$$

бармеояд, ки онро дар рафти тадқиқоти кори илмӣ дар параграфҳои минбаъда васеъ истифода мебарем.

1.1.2. Тавсифи модулҳои бефосилагии тартиби олӣ

Дар идома бо символи X фазои функсияҳои C ва ё L_p $(1 \leq p < \infty)$-и функсияҳои 2π-давриро бо нормаи мувофиқи $\|f\|_C$ ва ё $\|f\|_p$ $(1 \leq p < \infty)$ ишора мекунем. Модули бефосилагии функсияи $f \in X$ дар фазои ихтиёрии нормиронидашудаи X гуфта, функсияи

$$\omega(f,t)_X = \sup_{|u| \leq t} \|f(\cdot + u) - f(\cdot)\|_X \quad (t \geq 0) \tag{1.1.8}$$

– ро меноманд.

Дар оянда ба ҷои $\omega(f,t)_{L_p}$ мо $\omega(f,t)_p$ ва ба ҷои $\omega(f,t)_C$ танҳо $\omega(f,t)$ – ро менависем. Ҳамин тариқ, дар асоси таъриф барои $f \in C$

$$\omega(f,t) = \sup_{|u| \leq t} \max_{X} |f(x+u) - f(x)| = \sup_{|x'-x''| \leq t} |f(x') - f(x'')| \tag{1.1.9}$$

ва барои $f \in L_p$

$$\omega(f,t)_p := \sup_{|u| \leq t} \|f(\cdot + u) - f(\cdot)\|_{L_p} =$$

$$= \sup_{|u| \leq t} \left\{ \frac{1}{\pi} \int_0^{2\pi} \bigl| f(x+u) - f(x) \bigr|^p dx \right\}^{1/p} \quad (1 \leq p < \infty). \tag{1.1.10}$$

навишта метавонем. Функсияи (1.1.10) модули интегралии бефосилаи тартиби якум номида мешавад.

Қайд менамоем, ки модули бефосилагии (1.1.8) барои ҳар гуна функсияи ихтиёрии $f \in X$ дорои хосиятҳои асосии зерин мебошад:

1) $\omega(f,0)_X = 0$;

2) $\omega(f,t)_X$ дар фосилаи $0 \leq t < \infty$ камнашаванда мебошад;

3) модули бефосилагии (1.1.8) функсияи нимаддитивӣ мебошад, яъне

$$\omega(f, t_1 + t_2)_X \leq \omega(f, t_1)_X + \omega(f, t_2)_X \quad (t_1 > 0, \ t_2 > 0). \tag{1.1.11}$$

Ба ҳамин монанд,

$$\Delta_2(f,u) = f(x+u) - 2f(x) + f(x-u),$$

$$\|\Delta_2(f,u)\|_X = \|f(\cdot+u) - 2f(\cdot) + f(\cdot-u)\|_X$$

гузошта, бо баробарии

$$\omega_2(f,t)_X = \sup_{|u|\le t} \|\Delta_2(f,u)\|_X \tag{1.1.12}$$

модули бефосилагии тартиби дуюми функсияи $f \in X$ – ро муайян мекунем, ки ба монанди пештара $X = C$ ва ё ки $X = L_p$ $(1 \le p < \infty)$ мебошад.

Агар $m \in \mathbb{N},\ m \ge 2$ бошад, он гоҳ ба мисли пештара ба воситаи

$$\Delta_h^{(m)}(f,x) := \sum_{k=0}^{m} (-1)^k C_m^k f(x+kh)$$

— фарқияти тартиби m-уми функсияи $f(x)$ бо қадами h ишора намуда, дар ҳолати $X = L_p$ будан, бо баробарии

$$\omega_m(f,t)_p := \sup_{|h|\le t} \|\Delta_h^{(m)}(f,\cdot)\|_{L_p[0,2\pi]} =$$

$$= \sup_{|u|\le t} \left\{ \frac{1}{\pi} \int\limits_0^{2\pi} \left|\Delta_h^m(f,x)\right|^p dx \right\}^{1/p} \quad (1 \le p \le \infty) \tag{1.1.13}$$

модули бефосилагии тартиби m-ум дар фазои нормиронидашудаи L_p $(1 \le p < \infty)$ ишора мекунем. Дар ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки модули бефосилагии (1.1.13) ҳам дар ҳолати $X = C$ ва ҳам барои ҳолати $X = L_p$ $(1 \le p < \infty)$ ҳамаи хосиятҳои модули бефосилагӣ 1) – 3) иҷро мешаванд (ниг., масалан, [28, саҳ. 157-161]).

Ҳангоми ҳалли баъзе масъалаҳои экстремалӣ дар кори диссертатсионӣ ба ҷои модули бефосилагии классикии тартиби m-ум барои функсияи $f \in L_2$ баъзан характеристикаи суфтагии ба бузургии (1.1.13) эквиваленти намуди

$$\Omega_m(f,t)_2 = \left\{ \frac{1}{t^m} \int\limits_0^t \cdots \int\limits_0^t \|\Delta_{\overline{h}}^m f(\cdot)\|^2 dh_1 \cdots dh_m \right\}^{1/2}$$

– ро истифода мебарем, ки дар ин ҷо $t > 0$, $\overline{h} := (h_1, \cdots, h_m)$; $\Delta_{\overline{h}}^m = \Delta_{h_1}^1 \circ \cdots \circ \Delta_{h_m}^1$; $\Delta_{h_j}^1 f(x) := f(x + h_j) - f(x)$, $j = \overline{1, m}$.

Минбаъд дар кори диссертатсионӣ асосан ҳолати $p = 2$ дида баромада мешавад, ки дар он X фазои гилбертии $L_2 := L_2[0, 2\pi]$ мебошад. Аз ин рӯ, дар идома натиҷаҳои қаблан маълумеро, ки дар фазои L_2 ба даст оварда шудаанд, меорем ва онҳоро дар кори диссертатсионӣ дар самтҳои гуногун албатта, ҳамчун хусусияти асосии суфтагии функсия бо истифода аз модули бефосилагии тартиби m-ум ($m \in \mathbb{N}$), ҳамчун хусусияти асосии суфтагии функсия, умумӣ мегардонем.

1.2. Баъзе натиҷаҳои аниқ, ки аз баҳодиҳии бузургии наздиккунии беҳтарин тавассути модулҳои бефосилагии тартибҳои гуногун дар фазои L_2 вобастаанд

Дар ин ҷо баъзе натиҷаҳое оварда мешаванд, ки дар онҳо наздиккунии беҳтарин $E_{n-1}(f)$ аз боло ба воситаи модули бефосилагии худи функсия ё яке аз ҳосилаҳои он бо тартиби муайян, инчунин тавассути қимати миёнаи модулҳои бефосилагии тартиби олӣ аз ҳосилаи тартиби r-ум ($r \in \mathbb{Z}_+$) дар фазои $L_2 := L_2[0, 2\pi]$ баҳогузорӣ карда мешавад.

Таърихан аввалин чунин натиҷа аз ҷониби Н.И. Черных исбот карда шудааст [77, 78]. Ӯ исбот намуд, ки барои ҳар гуна функсия $f \in L_2$, ки доимӣ нест, нобаробариҳои зерин иҷро мешаванд:

$$E_{n-1}(f)_{L_2} < \frac{1}{\sqrt{2}}\,\omega\left(f, \frac{\pi}{n}\right), \quad n \in \mathbb{N}, \tag{1.2.1}$$

ҳол он ки барои ҳаргуна n-и қайдкардашуда доимии $1/\sqrt{2}$-и дар тарафи рости нобаробарии (1.2.1) мавҷуд буда кам карда намешавад. Нобаробарии (1.2.1) аз нобаробарии боз ҳам нозуктар, ки беҳтарнашаванда мебошад, бармеояд [77]

$$E_{n-1}(f)_{L_2} \leq \frac{1}{2}\left\{n\int\limits_{0}^{\pi/n}\omega^2(f,t)_{L_2}\sin nt dt\right\}^{1/2}. \tag{1.2.2}$$

Ин нобаробарӣ барои функсияи $f_0(x) = \cos nx \in L_2$ ба баробарӣ мубаддал мегардад.

Азбаски барои ҳар гуна функсия $f \in L_2^{(r)}$ нобаробарии зерин иҷро мешавад (ниг., масалан, [42–44, 66])

$$E_{n-1}(f)_{L_2} \leq \frac{1}{n^{2r}}\,E_{n-1}(f^{(r)})_{L_2}, \tag{1.2.3}$$

он гоҳ аз муқоисакунии ифодаҳои (1.2.2) ва (1.2.3) баҳои ([77, 78])

$$E_{n-1}(f)_{L_2} \leq \frac{1}{2n^r}\left\{n\int\limits_{0}^{\pi/n}\omega^2(f^{(r)},t)_2\sin nt dt\right\}^{1/2}, \tag{1.2.4}$$

– ро ҳосил мекунем, ки дар маҷмуи $L_2^{(r)}$ аниқ мебошад, зеро аломати баробарӣ дар (1.2.4) барои функсияи $f_0(t) = a\cos(nt+\beta)$, $n \in \mathbb{N}$, $a, b \in \mathbb{R}$ ҷой дорад.

Аз (1.2.4) барои ҳар гуна функсияи $f \in L_2^{(r)}$ бо назардошти монотони афзуншаванда будани модули бефосилагӣ баҳои зеринро ба даст меорем

$$E_{n-1}(f)_{L_2} < \frac{1}{\sqrt{2}} \cdot \frac{1}{n^r}\,\omega\left(f^{(r)}, \frac{\pi}{n}\right)_{L_2}, \quad r \in \mathbb{Z}_+, \quad n \in \mathbb{N}.$$

Бояд қайд кард, ки дар асл аз ҷониби Н.И. Черных [77] исбот шудааст, ки барои ҳар гуна $n \in \mathbb{N},\ r \in \mathbb{Z}_+$ муносибати зерин иҷро мешавад:

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{2r} E_{n-1}^2(f)}{\omega^2(f^{(r)}, \pi/n)_2} = \frac{1}{\sqrt{2}}. \tag{1.2.5}$$

Дар робита бо баробарии экстремалии (1.2.5) инчунин бояд натиҷаи Л.В. Тайков [66]-ро зикр кард, ки исбот намудааст: барои ҳар гуна функсияи $f \in L_2^{(r)}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ муносибатҳои зерин иҷро мешаванд:

$$\frac{1}{(nt)^2} \le \frac{n^{2r} E_{n-1}^2(f)}{\omega^2(f^{(r)}, t)_2} \le \frac{1}{(nt)^2} + \frac{1}{2}, \quad 0 < nt \le \pi, \tag{1.2.6}$$

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{2r} E_{n-1}^2(f)}{\int\limits_0^t \omega^2(f^{(r)}, t)_2\, dt} = \frac{1}{2} \cdot \frac{n}{nt - \sin nt}, \quad 0 < nt < \pi/2. \tag{1.2.7}$$

Қайд мекунем, ки аз нобаробарии (1.2.6), аз ҷумла ҳангоми $t = \pi/n$, баҳои дуҷониба барои доимии Ҷексон ҳосил мешавад:

$$\frac{1}{\pi^2} \le \frac{n^{2r}\, E_{n-1}^2(f)}{\omega^2(f^{(r)}, \pi/n)} \le \frac{1}{\pi^2} + \frac{1}{2}, \tag{1.2.8}$$

ки тақрибан ба натиҷаи (1.2.5) баробар аст.

Ошкор аст, ки натиҷаи (1.2.4) – ро барои ихтиёри $n \in \mathbb{N},\ r \in \mathbb{Z}_+$ ба намуди зерин навишта метавонем:

$$\sup_{\substack{f \in L_2^{(r)} \\ f \ne const}} \frac{n^{2r-1}\, E_{n-1}^2(f)}{\int\limits_0^{\pi/n} \omega^2(f^{(r)}, t) \sin nt dt} = \frac{1}{4}. \tag{1.2.9}$$

Умумикунонии минбаъдаи баробарии (1.2.9) ба В.В. Шалаев [101] тааллуқ дорад. Ӯ исбот кардааст, ки барои ҳар гуна $n, m \in \mathbb{N}$ ва $r \in \mathbb{Z}_+$ баробарии зерин дуруст мебошад:

$$\sup_{\substack{f \in L_2^{(r)} \\ f \neq const}} \frac{n^{2r-m}\, E_{n-1}^2(f)}{\left\{\int\limits_0^{\pi/n} \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) \sin ntdt\right\}^m} = \frac{1}{4^m}. \qquad (1.2.10)$$

Баробарии (1.2.9) аз (1.2.10) ҳангоми $m = 1$ будан, мебарояд.

Аз баробарии (1.2.10) инчунин мебарояд, ки барои ҳаргуна $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ ва ихтиёрии $f \in L_2^{(r)}$ баробарии зерин дуруст аст:

$$E_{n-1}(f) \leq 2^{-m/2}\, n^{-r}\, \omega_m(f^{(r)}, \pi/n). \qquad (1.2.11)$$

Қайд мекунем, ки нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин (1.2.11) аниқ нест, вале агар функсияи $\omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t)$ барои ҳар як $t \in [0, \pi/(2n)]$ шарти зеринро қонеъ гардонад:

$$2\, \omega_m^{2/m}\big(f^{(r)}, \pi/(2n)\big) \geq \omega_m^{2/m}(f^{(r)}, t) + \omega_m^{2/m}\left(f^{(r)}, \frac{\pi}{n} - t\right), \qquad (1.2.12)$$

аз ҷумла, агар он дар порчаи $[0, \pi/n]$ барҷаста бошад, пас нобаробарии (1.2.11)-ро метавон аниқ намуд, яъне, дар маҷмуи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$, ки барои онҳо функсияи $\omega_m(f^{(r)}, t)$ шарти (1.2.12)-ро қонеъ мекунад, нобаробарии аниқи Ҷексон–Стечкин барои ҳамаи $m, n \in \mathbb{N}$ ва $r \in \mathbb{Z}_+$ дуруст мебошад (ниг. [101]):

$$E_{n-1}(f) \leq 2^{-m/2}\, n^{-r}\, \omega_m\big(f^{(r)}, \pi/(2n)\big),$$

ки барои функсияи $f_0(x) = \cos nx \in L_2^{(r)}$ ба баробарӣ мубаддал мешавад.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои 2π-даврии дифференсиронидашаванда бо бисёраъзогиҳои тригонометрӣ дар фазои L_2, ки ба ёфтани доимиҳои аниқ $\chi = \chi(m, n, r)$ дар нобаробариҳои намуди Ҷексон–Стечкин

$$E_n(f)_2 \leq \chi\, n^{-r}\, \omega_m \left(f^{(r)}, \frac{t}{n} \right)_2, \quad t > 0,$$

алоқаманд мебошанд, характеристикаҳои гуногуни экстремалӣ баррасӣ гардидаанд, ки ба аниқ намудани баҳои болоии доимиҳои χ меоранд (ниг., масалан, корҳои [18,19,21,24,46,50,66,68,69,77,78,81,83,86,88,96]), ки дар онҳо масъалаи зикршуда мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Дар робита ба ёфтани доимиҳои аниқ дар нобаробарии Ҷексон–Стечкин, Н.И. Черных дар кори худ [77] қайд кардааст, ки азбаски функционали

$$\left(\frac{n}{2} \int\limits_0^{\pi/n} \omega_1^2(f, t) \sin ntdt \right)^{1/2}$$

аз функционали ҷексонӣ $\omega_1(f, \pi/n)$ (ҳангоми $f \neq \text{const}$) хурдтар мебошад, бинобар ин, ба назар мерасад, ки он барои тавсифи бузургиҳои наздиккунии беҳтарини полиномиалии $E_{n-1}(f)$-и функсияҳои даврӣ дар фазои L_2 қулайтар аст.

Барои тасдиқи гуфташуда, дар кори М.Г. Есмаганбетов [29] характеристикаи экстремалие, ки модули бефосилагии бо вазн миёнакардашудаи тартиби олӣ, ки барои ба даст овардани доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин истифода гардидааст, баррасӣ шудааст.

Дар идомаи мавзуи зикршуда, дар мақолаи С.Б. Вакарчук ва А.Н. Щитов [18] характеристикаи экстремалии зерин тадқиқ карда шудааст:

$$\chi_{m,n,r}(h) := \sup_{\substack{f\in L_2^r \\ f\neq const}} \frac{n^{2(r+m)}\, h^{2m}\cdot E_{n-1}^2(f)}{\left(\omega_m^{2/m}(f^{(r)},h) + n^2\int\limits_0^h (h-t)\,\omega_m^{2/m}(f^{(r)},t)dt\right)^m}, \tag{1.2.13}$$

ки дар ин ҷо $0 < h \leq \pi/n,\ m,n\in\mathbb{N},\ r\in\mathbb{Z}_+$.

Бо истифода аз он муяссар гардид, ки як натиҷаи Л.В. Тайков, ки дар теорема 1-и кори [66] барои $m = 1$ ба даст оварда шудааст, барои ҳолати модули бефосилагии тартиби ихтиёрии $m\in\mathbb{N}$ васеъ карда шавад. Яъне, С.Б. Вакарчук ва А.Н. Щитов [18] нобаробарии зеринро исбот намуданд:

$$\frac{1}{(nh)^{2m}n^{2r}} \leq \sup_{\substack{f\in L_2^r \\ f\neq const}} \frac{E_{n-1}^2(f)}{\omega_m^2(f^{(r)},h)} \leq \frac{1}{n^{2r}}\left(\frac{1}{(nh)^2}+\frac{1}{2}\right)^m. \tag{1.2.14}$$

Натиҷаи Л.В. Тайков (1.2.6) аз нобаробарии (1.2.14) ҳангоми $m = 1$ мебарояд.

Дар робита бо гуфтаҳои дар боло зикршуда, аз нуқтаи назари М.Ш. Шабозов ва С.Б. Вакарчук [87] омӯзиши характеристикаи экстремалии зерин ҷолибият дорад:

$$\widetilde{\chi}_{m,n,r}(h) :=$$

$$:= \sup\left\{\frac{n^r\, E_{n-1}(f)}{\left(\int\limits_0^h (h-t)\omega_m^{2/m}(f^{(r)},t)dt\right)^{m/2}} : f\in L_2^r,\ f\neq \mathrm{const}\right\}, \tag{1.2.15}$$

ки модули бефосилагии миёнакардашудаи тартиби m-ум $\omega_m^{2/m}(f,t)$-ро бо функсияи вазнӣ $h-t$, ки дар ин ҷо $0\leq t\leq h$ мебошад, дар бар мегирад.

Дар кори якҷояи М.Ш. Шабозов ва С.Б. Вакарчук [87], барои характеристикаи экстремалии (1.2.15) натиҷаи умумии зерин ба даст оварда шудааст: бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ бошад, он гоҳ барои ҳаргуна ададҳои h, ки шарти $0 < h \leq \pi/n$ – ро қаноат мекунонанд, баробарии зерин ҷой дорад:

$$\widetilde{\chi}_{m,n,r}(h) = h^{-m}\left\{1 - \left(\frac{2\sin(nh/2)}{nh}\right)^2\right\}^{-m/2}. \tag{1.2.16}$$

Натиҷаи умумитар дар ин самт аз ҷониби А.А. Лигун [46] ба даст оварда шудааст. Ӯ нишон дод, ки барои ҳаргуна $n, m, r \in \mathbb{N}$, $0 < h \leq \pi/n$, $0 < t \leq h$ ва $\varphi(t) \geq 0$ — ихтиёри функсияи вазнӣ нобаробарии дуҷониба дуруст аст:

$$\left\{A_{n,h}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1} \leq \sup_{\substack{f\in L_2^r\\ f\neq const}} \frac{E_{n-1}(f)}{\left\{\int\limits_0^h \omega_m^2(f^{(r)}, t)\,\varphi(t)dt\right\}^{1/2}} \leq \left\{A_{k,h}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1}, \tag{1.2.17}$$

ки дар ин ҷо

$$A_{k,h}^{r,m}(\varphi) = 2^{m/2}\left(k^{2r}\int\limits_0^h (1-\cos kt)^m\,\varphi(t)dt\right)^{1/2}, \quad k \geq n.$$

Барои баъзе функсияҳои вазнӣ φ нобаробарии (1.2.17) ба баробарӣ бо доимиҳои аниқ мубаддал мешавад.

Барои шарҳи кутоҳ ва ҷамъбасти ҳамаи натиҷаҳои пештар ба даст омада ва васеъ кардани онҳо дар кори М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов [86] характеристикаи умумитари экстремалии зерин тадқиқ карда шудааст:

$$\chi_{m,n,r,p}(\varphi;h)=\sup_{\substack{f\in L_2^{(r)}\\ f\neq\mathrm{const}}}\frac{E_n(f)_2}{\left(\int\limits_0^h\omega_m^p(f^{(r)},t)_2\,\varphi(t)dt\right)^{1/p}},\tag{1.2.18}$$

ки дар ин ҷо $m,n,r\in\mathbb{N},\ p\in(0,\infty),\ 0<t\leq h,\ 0<h\leq\pi/n,\ \varphi(t)\geq0$ – ихтиёри функсияи вазнӣ мебошад.

Ҳамчунин дар (1.2.18) шартан қабул шудааст, ки $0/0:=0$.

Қайд мекунем, ки бузургиҳои намуди (1.2.18) дар давраҳои гуногун аз тарафи олимони зерин мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд: Л.В. Черных [77, 78], Л.В. Тайков [66, 68, 69], А.А. Лигун [45–48], Н. Айнуллоев [2], В.В. Шалаев [101], М.Ш. Шабозов ва О.Ш. Шабозов [80], С.Б. Вакарчук [19, 21, 24], Г.А. Юсупов [106–111].

Ҳамчунин тадқиқоти баъзе характеристикаҳои дигари экстремалӣ анҷом дода шудааст, ки дар маънои муайян ба (1.2.18) мувофиқанд (ниг., масалан, [17–21, 25, 29–31, 34, 35, 45–47, 66, 68, 69, 81–85]).

Мақсади кори М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов [86] ин васеъ намудани нобаробарии маълуми А.А.Лигун [46] барои $0<p\leq2$ мебошад, ки аз он бо интихоби мушаххаси функсияи вазнӣ $\varphi(t)$, натиҷаҳои зикршуда дар корҳои [2, 17–20, 46, 77, 101] мебароянд.

М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов [86] исбот карданд, ки барои ҳаргуна $m,n,r\in\mathbb{N},\ 0<p\leq2,\ 0<h\leq\pi/n,\ \varphi(t)\geq0,\ 0<t\leq h$ нобаробариҳои зерин ҷой доранд:

$$\left\{A_{n,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1}\leq\chi_{m,n,r,p}(\varphi;h)\leq\left\{\inf_{n\leq k<\infty}A_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1},\tag{1.2.19}$$

ки дар ин ҷо

$$A^{r,m}_{k,h,p}(\varphi) = 2^{m/2}\left(k^{rp}\int\limits_0^h (1-\cos kt)^{mp/2}\varphi(t)dt\right)^{1/p}, \quad k \geq n.$$

Ошкор аст, ки аз нобаробарии (1.2.19) барои $p = 2$ нобаробарии маълуми А.А. Лигун (1.2.17) мебарояд.

Бояд қайд кард, ки аз натиҷаи умумии М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов [86] бо интихоби мушаххаси функсияи вазнӣ $\varphi(t)$ ва қиматҳои муайяни ададӣ барои параметрҳои m, p, нобаробариҳои аниқ ба даст меоянд. Бо истифода аз онҳо мумкин аст ба таври осон синфҳои функсияҳоро бо маҳдудиятҳои мушаххаси мажорантаи додашуда муайян намуда, қимати аниқи n-қутрҳои гуногуни ин синфҳои функсияҳоро ҳисоб намоем (ниг., замима дар кори [86]).

Ҳоло масъалаҳои экстремалии ҳалнашудаеро номбар мекунем, ки дар бобҳои дуюм ва сеюми кори диссертатсионӣ баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.

1.2.1. Гузориши масъалаҳои экстремалии ҳалнашуда

Дар ин банд гузориши масъалаҳои экстремалии ҳалнашудаи назарияи наздиккунии беҳтарини полиномиалии функсияҳои давриро меорем, ки ҳалли онҳо дар бобҳои дуюм ва сеюми рисола диссертатсионӣ пешниҳод мегарданд.

Масъалаи I. Қимати аниқи характеристикаи экстремалии умумикардашудаи (1.2.18)-ро вобаста ба хосиятҳои суфтагии функсияи вазнӣ барои наздиккунии муштараки беҳтарини функсия ва ҳосилаҳои фосилавии он ёфта шавад.

Масъалаи II. Синфҳои функсияҳоеро муайян намоед, ки ба таври маъмул аз ҳалли масъалаи I бармеоянд ва қимати бузургии наздиккунии беҳтарини муштараки онҳоро ёбед.

Масъалаи III. Характеристикаи экстремалии дар кори М.Ш. Шабозов, С.Б. Вакарчук ва В.И. Забутная [88] овардашуда умумӣ кунонида шавад ва қимати аниқи он ёфта шавад. Барои синфҳои функсияҳое, ки аз таърифи ин характеристика мебароянд, қимати аниқи сарҳади болоии наздиккунии муштараки беҳтарин ёфта шавад.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ масъалаҳои ҳисоб кардани қиматҳои аниқи n-қутрҳои гуногун ва ҳалли баъзе масъалаҳои дигари экстремалӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Дар кори диссертатсионӣ усули Н.П. Корнейчук оид ба баҳодиҳии сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳо тавассути зерфазоҳои ченакаш қайдкардашуда истифода бурда шуда, ҳамчунин баҳодиҳии поёнии n-қутрҳо дар фазоҳои нормиронидашуда, ки аз тарафи В.М. Тихомиров [72] таҳия гардидааст, татбиқ карда мешавад.

Дар ин ҷо масъалаи зерини экстремалӣ дида баромада мешавад:

Масъалаи IV. Барои синфҳои функсияҳое, ки аз таърифи характеристикаҳои экстремалии воридкардашуда ҳосил мегарданд, қимати аниқи n-қутрҳо ва бузургии наздиккунии муштараки беҳтарин ҳисоб карда шавад.

БОБИ 2. Оид ба нобаробариҳо байни наздиккунии беҳтарин ва характеристикаи миёнакардашудаи функсияҳо дар метрикаи фазои L_2

Дар ин боб баъзе натиҷаҳо оид ба наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини синфи функсияҳои дифференсиронидашавандаи даврии $f(x)$ ба воситаи бисёраъзогиҳои тригонометрӣ дар фазои $L_2 = L_2[0, 2\pi]$ оварда мешаванд. Пеш аз пешниҳоди натиҷаҳои асосии худ мо шарҳи мухтасари таърихи натиҷаҳоро оид ба мавзуи тадқиқшаванда пешниҳод намуда, барои асоснок кардани интихоби мавзуи кори диссертатсионӣ рафти инкишофи онро нишон медиҳем.

Дар тули даҳсолаҳои зиёд ҳаллу фасли масъалаҳои экстремалӣ ва татбиқи онҳо таваҷҷуҳи математиконии зиёдро ба худ ҷалб намудааст, зеро чунин масъалаҳо дар ҳалли масъалаҳои гуногуни математикаи амалӣ, ки мазмуни оптимизатсиониро доранд, васеъ истифода мешаванд. Дар масъалаҳои экстремалӣ, одатан, лозим меояд, ки сарҳади аниқи болоии саҳви наздикшавӣ бо усули додашуда дар синфи функсияҳои муайян ёфта шавад, ё ин ки барои ин синф воситаи беҳтарини наздикшавӣ нишон дода шавад. Дар солҳои охир дар ҳалли масъалаҳои экстремалӣ комёбиҳои назаррас ба даст оварда шудаанд.

Қадами муҳим дар таҳияи масъалаҳои экстремалӣ аз ҷониби математики машҳури рус П.Л. Чебышев [76] гузошта буд, ки дар солҳои 50-уми қарни XIX барои асосҳои назарияи наздиккунӣ замина ниҳод. Дар инкишофи назарияи наздиккунии функсияҳо кори илмии К. Вейерштрасс [126], ки соли 1885 нашр шудааст, нақши муҳим бозид. Мувофиқи он барои ҳаргуна функсияи дар порчаи $[a, b]$ бефосилаи $f(x)$ пайдарпайии наздиккунии беҳтарини он аз руи бисёраъзогиҳои тартибашон $\leq n$ ҳангоми $n \to \infty$ ба нул майл мекунад. Теоремаи Вейерштрасс ба он маъно конструктивӣ нест, ки он баҳои суръати наздикшавиро дар бар намегирад. Бо ин мақсад, масъалаи ёфтани чунин намуди баҳоҳо ба миён омад.

Натиҷаҳои фундаменталӣ, ки ба омӯзиши суръати камшавии бузургии наздиккунии беҳтарини функсия вобаста ба хусусиятҳои структурии он марбутанд, дар корҳои А. Лебег [118], Ш.Ж. Валле-Пуссен [123], Д. Ҷексон [116], С.Н. Бернштейн [14], Ж. Фавар [115], А.Н. Колмогоров [117], С.М. Николский [53] ва С.Б. Стечкин [61] ба даст оварда шудаанд. Дар оянда барои рушди назарияи наздиккунӣ ҳам дар татбиқи амалӣ ва ҳам дар асосҳои назариявӣ бисёр математикони дигар машғул шудаанд.

Баъд аз чоп шудани натиҷаи К. Вейерштрасс [126] корҳои Ш.Ж. Валле-Пуссен [123], С.Н. Бернштейн [14] ва Д. Ҷексон [116] нашр гардиданд, ки дар онҳо суръати ба нол наздикшавии пайдарпаиҳои наздиккунии беҳтарин тадқиқ карда шудааст.

Дар баробари тадқиқот оид ба наздиккунии функсияҳо, ки дар ягон сегмент муайян ва додашудаанд, аз руи бисёраъзогиҳои алгебравӣ тадқиқот оид ба суръати наздиккунии функсияҳои даврӣ аз руи бисёраъзогиҳои тригонометрӣ низ гузаронида шуданд.

Дар робита ба наздиккунии синфи функсияҳои даврӣ, корҳои машҳури А.Н. Колмогоров [117], Ж. Фавар [115] ва С.М. Николский [53], ки дар солҳои 30-юм ва 40-уми асри гузашта нашр шудаанд, қайд кардан лозим аст. Айни замон масъалаҳои назарияи наздиккунӣ дар соҳаҳои гуногуни илм ва техника васеъ истифода мешаванд, аз ҷумла дар математикаи ҳисоббарорӣ, математикаи дискретӣ, назарияи ададҳо ва ғайра.

Масъалаҳои наздиккунии беҳтарини функсияҳои даврӣ дар фазои L_2 аз ҷумла дар корҳои Н.И. Черных [77, 79], Л.В. Тайков [65–69], С.Б. Вакарчук [16,20,21,24,125], А.А. Лигун [46,49,50], В.В. Шалаев [101], М.Ш. Шабозов [80,82,85–87,89,90,93–96,120,121] ва дигарон тадқиқ карда шудаанд.

Солҳои охир барои ҳалли масъалаҳои наздиккунии беҳтарини полиномиалии функсияҳо дар фазои L_2 намудҳои гуногуни модули бефосилагӣ истифода бурда мешаванд (масалан, нигаред ба корҳои [1, 20, 21, 24, 25, 55–58, 60–64, 75, 77, 79, 81–83, 87–98, 125] ва адабиёти дар онҳо овардашуда).

Дар баъзе фазоҳои банахӣ ҳалли масъалаҳои экстремалӣ то ба доимиҳои аниқ расонида шудааст, яъне натиҷаҳои ниҳоӣ ба даст оварда шудаанд. Муҳимтарин пешравии усулҳои зикршуда дар ҳалли масъалаҳои экстремалӣ дар фазоҳои нормиронидашуда барои синфи функсияҳои 2π-даврии дифференсиронидашаванда зуҳур мегардад.

Яке аз масъалаҳои марказии экстремалии назарияи аппроксиматсияи функсияҳо — ин масъалаи ёфтани доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин мебошад. Нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин дар ҳар гуна фазои нормиронидашудаи X нобаробарии намуди

$$E_{n-1}(f)_X \leq \chi\, n^{-r}\omega_m(f^{(r)}, \tau/n)_X, \quad r \in \mathbb{Z}_+,\ \tau > 0$$

– ро меноманд, ки дар он саҳви наздиккунии функсияи инфиродии f ба воситаи характеристикаи суфтагии додашудаи ω_m-и худи функсияи аппроксиматсияшаванда ё тавассути баъзе ҳосилаҳои он $f^{(r)} \in X$ баҳогузорӣ карда мешавад. Ошкор аст, ки доимии беҳтарин χ, ба таври умум, метавонад, ҳам аз фазои X ва ҳам аз параметрҳои m, n, r ва τ вобаста бошад.

Дар ин ҷо якбора масъалаи экстремалии ёфтани доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин ба миён меояд, яъне масъалаи ҳосил намудани нобаробариҳо байни бузургии наздиккунии беҳтарин ва қимати модулҳои бефосилагӣ дар нуқтаҳои $\tau_n = t/n$ $(0 < t \leq \pi)$ ба миён меояд, ки дар метрикаи фазоҳои гуногуни банахии синфҳои муайяни функсияҳо натиҷаҳои ниҳоӣ ҳастанд.

Дар бораи аҳамияти ёфтани доимии аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин, дар монографияи В.И. Иванов ва О.И. Смирнов [37] зикр мешавад, ки: «Таваҷҷуҳ ба доимиҳои аниқ, ки дар атрофи нобаробариҳои Ҷексон–Стечкин ба вуҷуд омадааст, шояд он қадар асоснок намешуд, агар ҳар як ҳолати нав истифодаи ғояҳо ва усулҳои навро талаб намекард, ки баъдан дар ҳалли масъалаҳои дигари экстремалӣ муфид хоҳанд буд».

Аввалин доимиҳои аниқ дар нобаробарии Ҷексон аз ҷониби Н.П. Корнейчук [41] барои фазои $C(0, 2\pi]$ соли 1962 ва аз ҷониби Н.И. Черных [77, 78] барои фазои $L_2(0, 2\pi]$ соли 1967 ба даст оварда шудаанд. Баъд аз натиҷаҳои Н.П. Корнейчук ва Н.И. Черных таваҷҷӯҳ ба ёфтани доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин ва дар дигар фазоҳои банахӣ ба миён омад. Соли 1992 Н.И. Черных [79] нобаробарии аниқи Ҷексон–Стечкинро дар фазои $L_p(0, 2\pi)$, $1 \leq p < 2$ исбот карда буд. Қимати аниқи доимиҳо, ки дар нобаробариҳои Ҷексон истифода бурда мешаванд, аз ченаки фазое вобаста мебошанд, ки дар он наздикшавӣ анҷом дода мешавад ва инчунин ба қимати аргумент дар модули бефосилагӣ, ки дар наздиккунӣ ба кор бурда мешавад, вобаста мебошанд. Соли 1979 Н.И. Черных [114] қимати минималии аргументро дар модули бефосилагӣ муайян кард, ки барояш доимии аниқ дар нобаробарии Ҷексон–Стечкин дар фазои $L_p(-\pi, \pi]$ ба ҳадди глобалии минимум мерасад. Ёфтани чунин аргументҳо, ки онҳоро *аргументҳои оптималӣ* ё *нуқтаҳои Черных* меноманд, ба масъалаҳои муҳими экстремалӣ дар назарияи наздиккунии функсияҳо табдил ёфтанд.

Бояд гуфт, ки дар давраҳои гуногун ба омӯзиши ин мавзуъ олимони зерин: В.И. Бердышев [13], В.В. Жук [30–32], В.В. Арестов ва В.Ю. Попов [3], А.Г. Бабенко [5–10], В.И. Иванов [34–40], А.А. Лигун [45–50], Л.В. Тайков [65–69], В.А. Юдин [102–105], С.Б. Вакарчук [15–20, 23], С.Б. Вакарчук ва В.И. Забутная [21–24, 124], В.В. Шалаев [101], М.Ш. Шабозов [82, 84, 96, 99, 100], М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов [85, 86], М.Ш. Шабозов ва С.Б. Вакарчук [87] ва бисёр математикони дигар машғул буданд.

Дар ҳалли масъалаҳои экстремалӣ дар солҳои охир комёбиҳои назаррас ҳам дар соҳаи ҳақиқӣ ва ҳам дар соҳаи комплексӣ ба даст омадаанд. Дар як қатор фазоҳои мушаххаси банахӣ ҳалли масъалаи гузошташуда то доимиҳои аниқ расонида шудааст, яъне натиҷаҳои ниҳоӣ ба даст оварда шудаанд. Усулҳои нави тадқиқи масъалаҳои экстремалӣ таҳия шудаанд, ки бар асоси фактҳои амиқи назарияи умумии фазоҳои банахӣ ва омӯзиши хусусиятҳои нозуки синфи мушаххаси функсияҳо қарор доранд. Дар ин ҳолат, усулҳое, ки бо истифодаи сохторҳои дохилии фазоҳои нормиронидашудаи муқарраршуда алоқамананд, хеле самараноктар баромаданд. Самаранокии усулҳои зикршуда бештар дар ҳалли масъалаҳои экстремалӣ дар фазоҳои муқарраршуда барои синфҳои функсияҳои даврӣ зоҳир мешавад.

Дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои экстремалии ёфтани сарҳади болии наздиккунии беҳтарини муштараки функсияҳо ва ҳосилаҳои мобайнииии онҳо дар баъзе синфҳои функсияҳое, ки тавассути модули бефосилагии умумикардашуда муайян мегарданд, мавриди тадқиқ қарор дода мешаванд. Хусусан, усулҳои наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳо баррасӣ шуда, доимимҳои аниқ дар нобаробарииии намуди Ҷексон–Стечкин бо модули бефосилагии умумикардашуда ҳисоб карда мешаванд. Илова бар ин, қимати аниқи наздиккунии муштараки беҳтарини баъзе синфи функсияҳо муайян карда мешаванд.

Ёфтани доимиҳои аниқ ва умуман, ҳалҳои аниқи масъалаҳои экстремалӣ дар назарияи наздиккунӣ нақши муҳим мебозанд, зеро аксар вақт ҳар як масъалаи нави аниқи ҳалшудаи экстремалӣ ба ягон усули нави ҳалли масъала оварда мерасонад.

2.1. Мафҳумҳои асосӣ ва таърифҳои ибтидоӣ

Пеш аз ҳама, далелҳо, қайдҳо ва таърифҳои маълумро пешниҳод мекунем, ки дар оянда онҳоро истифода хоҳем кард.

Ба воситаи $\mathbb{N}$ – маҷмуи ададҳои натуралӣ; $\mathbb{Z}_+ = \mathbb{N}\cup\{0\}$; $\mathbb{R}_+$ – маҷмуи ададҳои ҳақиқии мусбат; $L_2 := L_2[0, 2\pi]$ – фазои функсияҳои ҳақиқии 2π-даврии бо квадрат дар маънои Лебег интегронидашавандаро бо нормаи маҳдуди

$$\|f\| := \|f\|_{L_2} = \left(\frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi} |f(x)|^2 dx\right)^{1/2}$$

ишора мекунем. Маҷмуи ҳамаи бисёраъзогиҳои тригонометрии

$$T_{n-1}(x) = \frac{\alpha_0}{2} + \sum_{k=1}^{n-1}(\alpha_k \cos kx + \beta_k \sin kx)$$

тартиби $n-1$–ро ба воситаи $\mathcal{T}_{2n-1}$ ишора менамоем. Агар $S_{n-1}(f, x)$ – суммаи хусусии тартиби $n-1$–и қатори Фурйеи функсияи $f(x)$:

$$f(x) \sim \frac{a_0(f)}{2} + \sum_{k=1}^{\infty}\Big(a_k(f)\cos kx + b_k(f)\sin kx\Big),$$

яъне

$$S_{n-1}(f, x) = \frac{a_0(f)}{2} + \sum_{k=1}^{n-1}\Big(a_k(f)\cos kx + b_k(f)\sin kx\Big),$$

бошад, он гоҳ аз хосияти суммаҳои хусусии қатори Фурйеи функсия бараъло маълум аст, ки дар он гуфта мешавад, ки наздиккунии беҳтарини функсияи $f(x)$ дар метрикаи фазои L_2 аз руи бисёраъзогиҳои тригонометрии тартиби $T_{n-1} \in \mathcal{T}_{2n-1}$ суммаи хусусии қатори Фурйе $S_{n-1}(f, x)$ фароҳам меоварад, яъне

$$E_{n-1}(f) := E_{n-1}(f, \mathcal{T}_{2n-1})_{L_2} =$$

$$= \inf\Big\{\|f - T_{n-1}\| : T_{n-1}(x) \in \mathcal{T}_{2n-1}\Big\} =$$

$$= \|f - S_{n-1}(f)\| = \left\{\sum_{k=n}^{\infty}(a_k^2(f) + b_k^2(f))\right\}^{1/2} = \left\{\sum_{k=n}^{\infty}\rho_k^2(f)\right\}^{1/2}, \quad (2.1.1)$$

ки дар ин ҷо барои мухтасарӣ $\rho_k^2(f) = a_k^2(f) + b_k^2(f),\ k \geq n$ гузошта шудааст ва $a_k(f)$, $b_k(f)$ – косинус- ва синус-коэффисиентҳои Фурйеи функсияи $f \in L_2$ мебошанд.

Бо $L_2^{(r)}$ $(r \in \mathbb{Z}_+,\ L_2^{(0)} = L_2)$ маҷмуи функсияҳои $f \in L_2$, ки барояшон ҳосилаи тартиби $(r-1)$-ум, яъне $f^{(r-1)}$ мутлақ бефосила буда, ҳосилаҳои тартиби r-ум, яъне $f^{(r)} \in L_2$ мебошанд, ишора мекунем.

Модули бефосилагии тартиби m-уми дилхоҳ функсияи 2π-даврии ченшаванда ва бо квадрат суммиронидашавандаи $f(x) \in L_2$ – ро бо баробарии

$$\omega_m(f,t) = \sup\Big\{ \big\|\Delta_h^m f(\cdot)\big\| : \ |t| \leq h \Big\} \tag{2.1.2}$$

муайян мекунем, ки дар ин ҷо

$$\Delta_h^m f(x) = \sum_{k=0}^{m} (-1)^{m-k} \binom{m}{k} f\Big(x + (m-k)h\Big) \tag{2.1.3}$$

– фарқияти тартиби m-уми функсияи f дар нуқтаи x бо қадами h мебошад.

Бо истифода аз мулоҳизаҳое, ки дар монографияи [28, с.157-165] оварда шудаанд, бо осонӣ нишон додан мумкин аст, ки барои модули бефосилагии тартиби m-ум (2.1.2) ҳамаи хосиятҳои модули бефосилагии тартиби олӣ иҷро мешаванд.

Баробарии Парсевалро барои функсияи $f \in L_2$ татбиқ намуда, бо осонӣ ифодаи

$$\|\Delta_h^m f(\cdot)\|^2 = \left\| \sum_{k=0}^{m} (-1)^{m-k} \binom{m}{k} f(\,\cdot + (m-k)h) \right\|^2 =$$

$$= 2^m \sum_{k=1}^{\infty} \rho_k^2(f)(1 - \cos kh)^m$$

– ро исбот кардан мумкин аст. Аз ин ҷо дар асоси баробарии (2.1.2) формулаи зеринро ҳосил мекунем:

$$\omega_m^2(f,t)=2^m\sup\left\{\sum_{k=1}^{\infty}\rho_k^2(f)(1-\cos kh)^m:\ |h|\le t\right\}. \tag{2.1.4}$$

Агар функсияи $f\in L_2^{(r)}$ ($r\in\mathbb{Z}_+$, $L_2^{(0)}=L_2$) бошад, он гоҳ аз баробарии формалии

$$f^{(r)}(x)=\sum_{k=1}^{\infty}k^r\left(a_k(f)\cos\left(kx+\frac{r\pi}{2}\right)+b_k(f)\sin\left(kx+\frac{r\pi}{2}\right)\right)$$

– ро истифода бурда, нишон додан мумкин аст, ки

$$\omega_m^2(f^{(r)},t)=2^m\sup\left\{\sum_{k=1}^{\infty}k^{2r}\rho_k^2(f)(1-\cos kh)^m:\ |h|\le t\right\}. \tag{2.1.5}$$

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои назарияи наздиккунӣ дар фазои L_2 масъалаҳои ҳисобкунии доимиҳои аниқ:

$$\chi:=\chi_{m,n,r}(t):=\sup_{\substack{f\in L_2^{(r)}\\ f\ne\text{const}}}\frac{n^rE_{n-1}(f)}{\omega_m\big(f^{(r)},t/n\big)},\quad 0<t\le 2\pi \tag{2.1.6}$$

дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин

$$E_{n-1}(f)\le\chi\,n^{-r}\omega_m(f^{(r)},t/n)$$

дар фазоҳои гуногуни банахӣ дар корҳои Н.П. Корнейчук [41], Н.И. Черных [77–79], В.А. Юдин [102–105], А.А. Лигун [45–50], В.И. Иванов ва О.И. Смирнов [37], Л.В. Тайков [66, 68, 69], А.Г. Бабенко [5–7, 9], С.Н. Василйев [25], В.И. Бердышев [13], В.В. Арестов ва Н.И. Черных [114], В.В. Арестов ва В.Ю. Попов [3], В.В. Шалаев [101], С.Б. Вакарчук [19, 20, 23], М.Ш. Шабозов [82, 84, 96], М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов [85,86,95,120,121], Г.А. Юсупов [106–112,127] ва дигарон дида баромада шудааст. Шарҳи муфассал ва таърихи нобаробарии Ҷексон–Стечкин дар мақолаи В.И. Иванов [39] оварда шудааст.

Дар солҳои охир ҳангоми ҳалли як қатор масъалаҳои экстремалӣ дар назарияи аппроксиматсияи функсияҳо ба ҷои модули классикии бефосилаи тартиби m-ум (2.1.2) дар бисёр ҳолатҳо модификатсияҳои гуногуни он истифода бурда мешаванд. Истифодаи намудҳои гуногуни модули бефосилагӣ аз шартҳои махсуси масъалаҳои мавриди баррасишаванда вобаста буда, имкон медиҳад, ки натиҷаҳои пурмазмуне ба даст оварда шаванд, ки моҳияти масъалаҳои тадқиқшавандаро ошкор кунанд.

Яке аз модификатсияҳои модули бефосилагии (2.1.2) ба истифодаи оператор-функсияи Стеклов

$$S_h(f,x)=\frac{1}{2h}\int\limits_{-h}^{h}f(x+\tau)d\tau, \quad h>0$$

асос ёфтааст. Символҳои зеринро дохил мекунем: $S_{h,k}(f) := S_h\big(S_{h,k-1}(f)\big)$, дар ин ҷо $k\in\mathbb{N}$ и $S_{h,0}(f)\equiv f$, $\mathbb{I}$ — оператори воҳидӣ дар фазои L_2 мебошад. Мувофиқи кори Абилов В.А. ва Абилова Ф.В. [1] фарқиятҳои умумии тартиби якум ва олиро ба тарзи зерин муайян мекунем:

$$\widetilde{\Delta}_h^1(f,x):=S_h(f,x)-f(x)=\big(S_h-\mathbb{I}\big)(f,x),$$

$$\widetilde{\Delta}_h^k(f,x):=\widetilde{\Delta}_h^1\big(\widetilde{\Delta}_h^{k-1}(f,x)\big)=\big(S_h-\mathbb{I}\big)^k(f,x)=$$

$$=\sum_{k=0}^{n}(-1)^{n-k}\binom{n}{k}S_{h,k}(f,x),$$

ки дар ин ҷо $n=2,3,\ldots$. Барои формулаҳои дохилкардашуда характеристикаи суфтагии намуди

$$\widetilde{\Omega}_m(f,t) := \sup\left\{\left\|\widetilde{\Delta}_h^k(f,\cdot)\right\| : \ 0 < h \leq t\right\} \tag{2.1.7}$$

дида баромада мешавад, ки онро *модули бефосилагии махсуси тартиби m-уми* функсияи $f \in L_2$ меноманд.

Ҳисобкуниҳои оддӣ бо ҷалби баробарии Парсевал имконият медиҳанд, ки намуди ошкори модули бефосилагии (2.1.7) ёфта шавад (ниг. масалан, [84]):

$$\widetilde{\Omega}_m\big(f,t\big)_2 = \sup_{|h|\leq t}\sum_{k=1}^{\infty}\rho_k^2(f)\left(1-\frac{\sin kh}{kh}\right)^{2m}. \tag{2.1.8}$$

Бо дарназардошти муносибати (2.1.8), барои ҳосилаи тартиби r-уми функсия $f^{(r)} \in L_2$ ҳосил мекунем:

$$\widetilde{\Omega}_m\big(f^{(r)},t\big)_2 = \sup_{|h|\leq t}\sum_{k=1}^{\infty}k^{2r}\rho_k^2(f)\left(1-\frac{\sin kh}{kh}\right)^{2m}. \tag{2.1.9}$$

2.2. Доимиҳои аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин барои наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини функсияҳои дифференсиронидашаванда аз фазои L_2

Дар ин параграф шакли мушаххаси модификатсияи модули бефосилагӣ дар метрикаи фазои L_2 пешниҳод мегардад, ки бо натиҷаҳои кори диссертатсионӣ алоқаманд мебошад.

Ҳангоми ҳалли баъзе масъалаҳои экстремалӣ дар назарияи наздиккунӣ ба ҷои модули бефосилагии классикии тартиби m-ум барои функсияи $f \in L_2$ баъзан қулайтар аст, характеристикаи суфтагии ба бузургии

(2.1.2) эквиваленти намуди зерин

$$\Omega_m(f,t)_2=\left\{\frac{1}{t^m}\int\limits_0^t\cdots\int\limits_0^t\|\Delta_{\overline{h}}^m f(\cdot)\|^2dh_1\cdots dh_m\right\}^{1/2} \qquad (2.2.1)$$

истифода бурда шавад, ки дар ин ҷо $t>0$, $\overline{h}:=(h_1,\cdots,h_m)$; $\Delta_{\overline{h}}^m=\Delta_{h_1}^1\circ\cdots\circ\Delta_{h_m}^1$;

$$\Delta_{h_j}^1 f(x):=f(x+h_j)-f(x),\ j=\overline{1,m}.$$

Аз ҳамин сабаб, ҳисоб кардани доимии аниқ

$$\mathbb{K}_{m,n,r}(t):=\sup_{\substack{f\in L_2^{(r)}\\ f\neq\text{const}}}\frac{n^rE_{n-1}(f)}{\Omega_m\big(f^{(r)},t/n\big)},\quad 0<t\leq 2\pi \qquad (2.2.2)$$

дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкини намуди

$$E_{n-1}(f)\leq\mathbb{K}_{m,n,r}(t)\frac{1}{n^r}\,\Omega_m\big(f^{(r)},t/n\big)$$

низ таваҷҷуҳи муайянро ба худ ҷалб мекунад.

Қайд мекунем, ки С.Б. Вакарчук [19] барои ҳаргуна қиматҳои $n,m\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$ ва $t\in(0,\pi/2]$ баробарии

$$\mathbb{K}_{m,n,r}(t)=\left\{2\left(1-\frac{\sin t}{t}\right)\right\}^{-m/2} \qquad (2.2.3)$$

исбот карда буд ва дар ҳолати хусусӣ нишон дод, ки

$$\mathbb{K}_{m,n,r}\left(\frac{\pi}{2}\right)=\left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2}. \qquad (2.2.4)$$

Бояд қайд кард, ки ҳангоми омузиши масъалаҳои муҳими наздиккунӣ дар фазои метрикии L_p $(0<p<1)$ характеристикаи суфтагии миёнакардашуда функсияҳои намуди (2.2.1) аз ҷониби К.В. Руновский [58] ва Э.А. Стороженко, В.Г. Кротов, П. Освальд [63] мавриди баррасӣ қарор гирифта буд.

Модулҳои бефосилагии миёнакардашудаи шакли дигар қаблан дар корҳои маълуми Р.М. Тригуб ва Е.С. Белинский (ниг. масалан, [122]) дар фазоҳои L_p $(p \geq 1)$ тадқиқ шуда, эквивалентнокии сусти онҳо бо модулҳои бефосилагии классикӣ нишон дода шудааст.

Дар идома хосиятҳои характеристикаи суфтагии $\Omega_m(f,t)$ – ро баррасӣ менамоем, зеро онҳо, ба назари мо, дорои аҳамияти муайян мебошанд.

$\mathbf{1^0}$. $\lim\limits_{t\to 0}\Omega_m(f,t)=0.$

Дар ҳақиқат, азбаски нормаи $\|\Delta_{\overline{h}}^m\|$ функсияи бефосила аз тағйирёбандаҳои h_1, h_2, …, h_m мебошад, он гоҳ хосияти додашуда аз теорема дар бораи қимати миёна барои интегралҳои каратӣ мебарояд:

$$\lim_{t\to 0}\Omega_m(f,t)=\lim_{t\to 0}\left\|\Delta^1_{h_1(t)}\circ\Delta^1_{h_2(t)}\circ\cdots\circ\Delta^1_{h_m(t)}f\right\|=0,$$

ки дар ин ҷо $0<h_j(t)\leq t$ $(j=1,2,\ldots,m)$ — қиматҳои аз t вобаста мебошанд.

$\mathbf{2^0}$. Характеристикаи суфтагии $\Omega_m(f,t)$ функсияи бефосила барои $t>0$ мебошад.

$\mathbf{3^0}$. $\Omega_m(f,t)\leq 2^m\big\|f\big\|.$

Дар ҳақиқат, фарқи тартиби m-ум чунин муайян карда мешавад:

$$\Delta_{\overline{h}}^m f=\Delta^1_{h_1}\circ\cdots\circ\Delta^1_{h_m}f.$$

Ҳар як оператори $\Delta^1_{h_j}f(x):=f(x+h_j)-f(x),\ j=\overline{1,m}$ мебошад. Медонем, ки барои як оператори фарқи тартиби якум баробарии

$$\big\|\Delta^1_h f\big\|\leq 2\big\|f\big\|$$

барои ҳар як қимати h мешавад, чунки

$$\left\|\Delta_h^1 f\right\|^2 = \int \left|f(x+h) - f(x)\right|^2 dx \leq$$

$$\leq 2\int \left|f(x+h)\right|^2 dx + 2\int \left|f(x)\right|^2 dx = 4\left\|f\right\|^2.$$

Бо истифода аз методи индуксияи математикӣ барои ҳар як марҳилаи фарқ

$$\left\|\Delta_h^1 f\right\| \leq 2^m \left\|f\right\|$$

зеро ки

$$\left\|\Delta_{h_1}^1 \circ \cdots \circ \Delta_{h_m}^1 f\right\| \leq 2^m \left\|f\right\|$$

мебошад. Аз ин ҷо $\left\|\Delta_{\overline{h}}^1 f\right\|^2 \leq 4^m \left\|f\right\|^2$ мешавад. Он гоҳ

$$\Omega_m^2(f,t)_2 = \frac{1}{t^m} \int\limits_0^t \cdots \int\limits_0^t \|\Delta_{\overline{h}}^m f(\cdot)\|^2 dh_1 \cdots dh_m \leq$$

$$\leq 4^m \left\|f\right\|^2 dh_1 \cdots dh_m = \frac{1}{t^m} \cdot t^m \cdot 4^m \left\|f\right\|^2 = 4^m \left\|f\right\|^2,$$

ё ин ки

$$\Omega_m^2(f,t)_2 \leq 4^m \left\|f\right\|^2 \quad \Longrightarrow \quad \Omega_m(f,t)_2 \leq 2^m \left\|f\right\|.$$

$\mathbf{4^0}$. $\Omega_m(f_1+f_2,t) \leq 2\big(\Omega_m(f_1,t) + \Omega_m(f_2,t)\big)$.

Дар ҳақиқат, азбаски оператори фарқият $\Delta_{\overline{h}}^m f(x)$ хаттӣ мебошад, пас:

$$\Delta_{\overline{h}}^m \big(f_1+f_2\big)(x) = \Delta_{\overline{h}}^m f_1(x) + \Delta_{\overline{h}}^m f_2(x). \tag{2.2.5}$$

Дар ин ҷо нобаробарии

$$\|a+b\|^2 \le 2\|a\|^2 + 2\|b\|^2$$

– ро истифода бурда, аз (2.2.5) менависем:

$$\big\|\Delta_{\bar{h}}^{m}\big(f_1+f_2\big)\big\|^2 \le 2\big\|\Delta_{\bar{h}}^{m} f_1\big\|^2 + 2\big\|\Delta_{\bar{h}}^{m} f_2\big\|^2.$$

Ин нобаробариро дар формулаи (2.2.1) барои таърифи $\Omega_m(f_1+f_2,t)_2$ гузошта, меёбем:

$$\Omega_m^2(f_1+f_2,t)_2 = \frac{1}{t^m}\int_0^t \cdots \int_0^t \|\Delta_{\bar{h}}^{m}(f_1+f_2)\|^2 dh_1\cdots dh_m \le$$

$$\le \frac{2}{t^m}\int_0^t \cdots \int_0^t \left(\big\|\Delta_{\bar{h}}^{m} f_1\big\|^2 + \big\|\Delta_{\bar{h}}^{m} f_2\big\|^2\right) dh_1\cdots dh_m =$$

$$= \frac{2}{t^m}\int_0^t \cdots \int_0^t \big\|\Delta_{\bar{h}}^{m} f_1\big\|^2 dh_1\cdots dh_m + \frac{2}{t^m}\int_0^t \cdots \int_0^t \big\|\Delta_{\bar{h}}^{m} f_2\big\|^2 dh_1\cdots dh_m =$$

$$= 2\Omega_m^2(f_1,t)_2 + 2\Omega_m^2(f_2,t)_2 = 2\big(\Omega_m^2(f_1,t)_2 + \Omega_m^2(f_2,t)_2\big).$$

Акнун нобаробарии байни решаи квадратӣ аз сумма ва суммаи решаҳои квадратӣ, яъне

$$\sqrt{a+b} \le \sqrt{2a} + \sqrt{2b} \le 2\big(\sqrt{a} + \sqrt{b}\,\big)$$

барои $a = \Omega_m^2(f_1,t)_2$, $b = \Omega_m^2(f_2,t)_2$ татбиқ намуда, ҳосил мекунем:

$$\Omega_m(f_1+f_2,t)_2 \le \sqrt{2}\Big(\Omega_m^2(f_1,t)_2 + \Omega_m^2(f_2,t)_2\Big)^{1/2} \le$$

$$\le 2\Big(\sqrt{\Omega_m^2(f_1,t)_2} + \sqrt{\Omega_m^2(f_2,t)_2}\Big) = 2\Big(\Omega_m(f_1,t)_2 + \Omega_m(f_2,t)_2\Big).$$

5^0. $\Omega_m(f, nt) \le n^m\, \Omega_m(f, t)$.

Исботи хосияти **5^0** – ро нишон медиҳем. Азбаски

$$\Omega_m(f, nt)_2 = \left\{ \frac{1}{(nt)^m} \int\limits_0^{nt} \cdots \int\limits_0^{nt} \|\Delta^m_{\overline{h}} f(\cdot)\|^2 dh_1 \cdots dh_m \right\}^{1/2} =$$

$$= \left\{ \frac{1}{t^m} \int\limits_0^{t} \cdots \int\limits_0^{t} \|\Delta^m_{n\overline{h}} f(\cdot)\|^2 dh_1 \cdots dh_m \right\}^{1/2},$$

ки дар ин ҷо $n\overline{h} = \big(nh_1, nh_2, \ldots, nh_m\big)$ аст, он гоҳ дурустии нобаробарии

$$\|\Delta^m_{n\overline{h}} f(\cdot)\| \le n^m \|\Delta^m_{\overline{h}} f(\cdot)\|$$

– ро нишон додан лозим меояд. Ин нобаробарӣ дар асоси методи индуксияи математикӣ исбот карда мешавад. Дар ҳақиқат, барои қиматҳои $m = 1$ ва $m = 2$ мувофиқан ҳосил мекунем:

$$\Delta^1_{nh_1} f(x) = f(x + nh_1) - f(x) =$$

$$= \sum_{i_1=0}^{n-1} \Big[f\big(x + (i_1 + 1)h_1\big) - f\big(x + i_1 h_1\big) \Big] = \sum_{i_1=0}^{n-1} \Delta^1_{h_1} f(x + i_1 h_1),$$

Аз ин ҷо

$$\big\|\Delta^1_{nh_1} f\big\| = \left\| \sum_{i_1=0}^{n-1} \Delta^1_{h_1} f(x + i_1 h_1) \right\| \le \sum_{i_1=0}^{n-1} \big\|\Delta^1_{h_1} f(x + i_1 h_1)\big\|.$$

Дар L_2-норма барои функсияи даврии $f(x)$ аз руи дарозии давраш баробарии зерин ҷой дорад:

$$\big\|\Delta^1_{h_1} f(x + i_1 h_1)\big\| = \big\|\Delta^1_{h_1} f(x)\big\|. \qquad (2.2.6)$$

Дар ҳақиқат, азбаски

$$\left\|\Delta^1_{h_1} f(x+i_1h_1)\right\|^2_{L_{[0,2\pi]}} = \int\limits_0^{2\pi} \left|f(x+(i+1)h_1) - f(x+i_1h_1)\right|^2 dx =$$

$$= \left|\begin{matrix} u = x+i_1h_1 \;\Rightarrow\; du = dx \\ x = 0 \;\Rightarrow\; u = i_1h_1, \\ x = 2\pi \;\Rightarrow\; u = 2\pi + i_1h_1 \end{matrix}\right| = \int\limits_{i_1h_1}^{2\pi+i_1h_1} \left|f(u+h_1) - f(u)\right|^2 du =$$

$$= \int\limits_0^{2\pi} \left|f(u+h_1) - f(u)\right|^2 du = \left\|\Delta^1_{h_1} f(x)\right\|^2_{L_{[0,2\pi]}},$$

чунки функсия $f(x)$ даврӣ мебошад. Аз ин ҷо якбора (2.2.6) мебарояд.

Ғайр аз ин

$$\Delta^1_{nh_2} \circ \Delta^1_{nh_1} f(x) = \Delta^1_{nh_2} \circ \left(\sum_{i_1=0}^{n-1} \Delta^1_{h_1} f(x+i_1h_1)\right) =$$

$$= \sum_{i_1=0}^{n-1} \Delta^1_{nh_2} \circ \Delta^1_{h_1} f(x+i_1h_1) =$$

$$= \sum_{i_2=0}^{n-1}\sum_{i_1=0}^{n-1} \Delta^1_{nh_2} \circ \Delta^1_{h_1} f(x+i_1h_1+i_2h_2).$$

Пас аз ин ҷо

$$\left\|\Delta^1_{nh_2} \circ \Delta^1_{nh_1} f\right\| \le n^2 \left\|\Delta^1_{nh_2} \circ \Delta^1_{h_1} f\right\|$$

мешавад. Акнун фарз мекунем, ки барои $m = k$, ки $k \in \mathbb{N};\; k \ge 2$ аст, нобаробарии

$$\left\|\Delta^1_{nh_k} \circ \Delta^1_{nh_{k-1}} \circ \cdots \circ \Delta^1_{nh_1} f\right\| \le n^k \left\|\Delta^1_{h_k} \circ \Delta^1_{h_{k-1}} \circ \cdots \circ \Delta^1_{h_1} f\right\|$$

ҷой дорад. Он гоҳ барои $m = k + 1$ ҳосил мекунем:

$$\big\|\Delta^1_{nh_{k+1}} \circ \Delta^1_{nh_k} \circ \cdots \circ \Delta^1_{nh_1} f\big\| \le n\big\|\Delta^1_{h_{k+1}} \circ \big(\Delta^1_{h_k} \circ \cdots \circ \Delta^1_{h_1} f\big)\big\| =$$

$$= n\big\|\Delta^1_{h_k} \circ \Delta^1_{h_{k-1}} \circ \cdots \circ \Delta^1_{h_1} \circ \big(\Delta^1_{h_{k+1}} f\big)\big\| \le$$

$$\le n^{k+1}\big\|\Delta^1_{h_k} \circ \Delta^1_{h_{k-1}} \circ \cdots \circ \Delta^1_{h_1} \circ \Delta^1_{h_{k+1}} f\big\| =$$

$$= n^{k+1}\big\|\Delta^1_{h_{k+1}} \circ \Delta^1_{h_k} \circ \cdots \circ \Delta^1_{h_1} f\big\|$$

ва аз ин ҷо бармеояд:

$$\|\Delta^m_{n\overline{h}} f(\cdot)\| \le n^m \|\Delta^m_{\overline{h}} f(\cdot)\|.$$

Барои нобаробарии охирон формулаи (2.2.1) – ро татбиқ намуда, меёбем:

$$\Omega_m(f, nt) \le n^m\, \Omega_m(f, t).$$

6^0. $\widetilde{C}_m\, \Omega_m(f,t) \le \omega_m(f,t) \le \widetilde{C}^*\, \Omega_m(f,t)$, ки дар ин ҷо $\widetilde{C}_m$ ва $\widetilde{C}^*$ — доимиҳои ихтиёрии аз t ва функсияи $f \in L_2$ вобаста набуда мебошанд.

Барои исботи ин нобаробарӣ қайд мекунем, ки дар фазои L_p $(0 < p < 1)$ хосияти мазкур дар кори К.В. Руновский [56] ёфта шудааст. Бо истифода аз баъзе мулоҳизаҳои овардашуда дар [55–57], нишон медиҳем, ки он дар ҳолати мавриди баррасӣ низ ҷой дорад. Аввалан нобаробарии дуюмро ҳосил мекунем. Аз [56] якбора ифодаи

$$\omega_1(f,t) \le C\, \Omega_1(f,t)$$

мебарояд, ки дар ин ҷо C — доимии аз функсияи f ва тағйирёбандаи t вобаста набуда мебошад. Таърифи модули бефосилагии тартиби якум ва формулаи (2.2.1) – ро истифода бурда, барои $|\tau| \leq t$ ҳосил мекунем:

$$\left\|\Delta_\tau^1 f\right\|^2 \leq C^2 \cdot \frac{1}{t} \int\limits_0^t \left\|\Delta_h^1 f\right\|^2 dh.$$

Дар асоси нобаробарии ҳосилшуда барои ҳаргуна қимати $\tau \in [-t, t]$ навишта метавонем:

$$\left\|\Delta_\tau^2 f\right\|^2 = \left\|\Delta_\tau^1 \circ \Delta_\tau^1 f\right\|^2 \leq \frac{C^2}{t} \int\limits_0^t \left\|\Delta_{h_1}^1 \circ \Delta_\tau^1 f\right\|^2 dh_1 =$$

$$= \frac{C^2}{t} \int\limits_0^t \left\|\Delta_\tau^1 \circ \Delta_{h_1}^1 f\right\|^2 dh_1 \leq \frac{C^2}{t} \int\limits_0^t \left(\frac{C^2}{t} \int\limits_0^t \left\|\Delta_{h_2}^1 \circ \Delta_{h_1}^1 f\right\|^2 dh_2 \right) dh_1 =$$

$$= \frac{C^4}{t^2} \int\limits_0^t \int\limits_0^t \left\|\Delta_{h_2}^1 \circ \Delta_{h_1}^1 f\right\|^2 dh_1 \, dh_2,$$

чунки

$$\left\|\Delta_\tau^1 \circ \Delta_{h_1}^1 f\right\|^2 \leq \frac{C^2}{t} \int\limits_0^t \left\|\Delta_{h_2}^1 \circ \Delta_{h_1}^1 f\right\|^2 dh_1$$

мебошад. Ҳамин тариқ, азбаски

$$\omega_2(f, t) := \sup_{|\tau| \leq t} \left\|\Delta_\tau^2 f\right\|,$$

ки дар ин ҷо

$$\Delta_\tau^2 f(x) := f(x + 2\tau) - 2f(x + \tau) + f(x)$$

фарқи тартиби дуюми функсияи $f(x)$ ва

$$\Omega_2(f, t) := \left(\frac{1}{t^2} \int\limits_0^t \int\limits_0^t \left\|\Delta_{h_2}^1 \circ \Delta_{h_1}^1 f\right\|^2 dh_1 \, dh_2 \right)^{1/2}$$

мебошад, он гоҳ дар асоси

$$\left\|\Delta_{\tau}^{2} f\right\|^{2} \leq \frac{C^{4}}{t^{2}} \int\limits_{0}^{t} \int\limits_{0}^{t}\left\|\Delta_{h_{2}}^{1} \circ \Delta_{h_{1}}^{1} f\right\|^{2} d h_{1}\, d h_{2},$$

ё ин ки аз ин ҷо

$$\left\|\Delta_{\tau}^{2} f\right\| \leq C^{2}\left(\frac{1}{t^{2}} \int\limits_{0}^{t} \int\limits_{0}^{t}\left\|\Delta_{h_{2}}^{1} \circ \Delta_{h_{1}}^{1} f\right\|^{2} d h_{1}\, d h_{2}\right)^{1 / 2}=C^{2}\, \Omega_{2}(f, t)$$

мешавад. Аз ҳар ду тарафи нобаробарии охирон супремум аз руи $|\tau| \leq t$ гирифта, меёбем:

$$\omega_{2}(f, t):=\sup_{|\tau| \leq t}\left\|\Delta_{\tau}^{2} f\right\| \leq C^{2}\, \Omega_{2}(f, t).$$

Ҳамин тариқ,

$$\omega_{2}(f, t) \leq C_{2}^{*}\, \Omega_{2}(f, t)$$

мешавад, ки дар ин ҷо $C_{2}^{*}:=C^{2}$ аст. Бо идома додани ин раванд, тавре ки қаблан нишон дода шуда буд, ба нобаробарии зерин мерасем:

$$\omega_{m}(f, t) \leq C_{m}^{*}\, \Omega_{m}(f, t)$$

мешавад, ки дар ин ҷо $C_{m}^{*}:=C^{m}$ мебошад. Азбаски барои бадастории баҳои болои характеристикаи суфтагии $\Omega_{m}(f, t)$ тавассути модули бефосилагии классикии $\omega_{m}(f, t)$ бар асоси идеяи исботи воқеияти мувофиқ барои ҳолати $0<p<1$ дар теоремаи 3.1 аз кори К.В. Руновский [56] асос ёфтааст, он бо сабабҳои маълум оварда намешавад.

7⁰. Функсияи $\Omega_{m}(f, t)$ қариб афзуншаванда мебошад, яъне чунин доимии C мавҷуд аст, ки аз функсияи f ва тағйирёбандаи t вобаста набуда, барои ихтиёрии ду қиматҳои $0 < t_1 < t_2$ нобаробарии зерин иҷро мегардад:

$$\Omega_m(f, t_1) \leq C\, \Omega_m(f, t_2).$$

Дар ҳақиқат, хосияти $\mathbf{6^0}$ – умро истифода бурда, дар асоси гузориши $C := \dfrac{C_m^*}{\widetilde{\widetilde{C}}_m}$ ва афзуншаванда будани модули бефосилагии классикии $\omega_m(f, t)$ барои ихтиёри ду қиматҳои $t_1 < t_2$ навишта метавонем:

$$\Omega_m(f, t_1) \leq \frac{1}{\widetilde{\widetilde{C}}_m}\, \omega_m(f, t_1) \leq \frac{1}{\widetilde{\widetilde{C}}_m}\, \omega_m(f, t_2) \leq \frac{C_m^*}{\widetilde{\widetilde{C}}_m}\, \Omega_m(f, t_2) \leq C\, \Omega_m(f, t_2).$$

Чи хеле, ки дар боло қайд карда будем, ёфтани доимии аниқ дар нобаробарии намуди Ҷексон–Стечкин

$$E_{n-1}(f)_X \leq \chi\, n^{-r} \omega_m(f^{(r)}, \tau/n)_X, \quad r \in \mathbb{Z}_+, \ \tau > 0 \tag{2.2.7}$$

яке аз масъалаҳои марказии экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳо дар ҳар гуна фазои нормиронидашудаи X мебошад.

Ин масъаларо дар вақтҳои гуногун Н.И. Черных, Л.В. Тайков, А.А. Лигун, В.А. Юдин, В.И. Иванов ва О.И. Смирнов, А.Г. Бабенко, С.Б. Вакарчук, М.Ш. Шабозов ва шогирдони онҳо тадқиқ карда буданд (масалан, нигаред ба корҳои [5–10, 16–23, 35–37, 39, 40, 45–50, 66–69, 77–80, 82, 84–86, 89, 93, 95, 96, 99, 100, 102–105]).

А.А. Лигун дар кори [46] характеристикаи экстремалии намуди зеринро дида баромада буд (дар ин ҷо ва дар оянда ифодаи $0/0$ баробари 0 қабул карда шудааст):

$$\sup\left\{\frac{E^2_{n-1}(f)}{\int\limits_0^h \omega^2_m(f^{(r)},t)_2\,\varphi(t)dt}:\ f\in L_2^{(r)},\ f\neq\mathrm{const}\right\},$$

ки дар ин ҷо $m,n\in\mathbb{N},\ r\in\mathbb{Z}_+,\ 0<h\leq\pi/n,\ \varphi(t)$ функсияи ғайриманфӣ, ченшаванда, суммиронидашаванда дар порчаи $[0,h]$ ва ба нул эквивалент намебошад. Дар ҳолати хусусӣ, нишон дода буд, ки нобаробарии дучандаи

$$\frac{1}{\mathscr{B}^{r,m}_{n,h}(\varphi)}\sup_{\substack{f\in L_2^{(r)}\\ f\neq\mathrm{const}}}\frac{E^2_{n-1}(f)}{\int\limits_0^h \omega^2_m(f^{(r)},t)_2\,\varphi(t)dt}\leq\frac{1}{\inf\limits_{n\leq k<\infty}\mathscr{B}^{r,m}_{k,h}(\varphi)},$$

ки дар ин ҷо

$$\mathscr{B}^{r,m}_{k,h}(\varphi)=2^mk^{2r}\int\limits_0^h\big(1-\cos kt\big)^m\varphi(t)dt$$

аст, ҷой дорад.

Бо мақсади умуми намудани натиҷаи овардашуда дар кори А.А. Лигун [46] М.Ш. Шабозов ва Г.А. Юсупов характеристикаи экстремалии зеринро тадқиқ карда буданд [86]:

$$\chi_{m,n,r,p,s}(\varphi,h)=$$

$$=\sup\left\{\frac{E_{n-1}(f)_2}{\left(\int\limits_0^h \omega^p_m(f^{(r)},t)_2\,\varphi(t)dt\right)^s}:\ \ f\in L_2^{(r)},\ f\neq\mathrm{const}\right\},\qquad(2.2.8)$$

ки дар ин ҷо $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, p, s – ададҳои мусбат, $0 < h \leq \pi/n$ ва функсияи $\varphi(t)$ ҳамаи шартҳои дар нобаробарии дучандаи А.А. Лигун овардашударо қаноат мекунонад. Дар кори [86] дурустии ифодаи

$$\left\{\mathscr{A}_{n,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1} \leq \chi_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) \leq \left\{\inf_{n\leq k<\infty} \mathscr{A}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1} \qquad (2.2.9)$$

нишон дода шудааст, ки дар ин ҷо $0 < p \leq 2$; $0 < h \leq \pi/n$ ва

$$\mathscr{A}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) := 2^{m/2}\left(k^{rp}\int\limits_0^h (1-\cos kt)^{mp/2}\,\varphi(t)dt\right)^{1/p}.$$

Ба андешаи мо, дар мувофиқа бо ифодаи (2.2.8), омӯзиши характеристикаи экстремалии

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,s}(\varphi, h) :=$$

$$:= \sup\left\{\frac{E_{n-1}(f)}{\left(\int\limits_0^h \Omega_m^p(f^{(r)}, t)_2\,\varphi(t)dt\right)^s} : \quad f \in L_2^{(r)},\ f \neq \text{const}\right\} \qquad (2.2.10)$$

ба худ таваҷҷуҳи зиёд ҷалб мекунад, ки дар ин ҷо ададҳои $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $p, s \in \mathbb{R}_+ \setminus \{0\}$; $0 < h \leq \pi/n$; $\varphi(t)$ — функсияи ғайриманфии ченшавандаи дар порчаи $[0, h]$ суммиронидашванда ва ба нул ғайриэквивалент мебошад.

Дар ҳамаи ҳолатҳои минбаъда ҳангоми ҳисоб кардани қимати сарҳади саҳеҳи болоӣ дар муносибатҳои умумӣ барои ҳамаи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$ фарз карда мешавад, ки $f \neq \text{const}$ мебошад.

Ишораи зеринро дохил мекунем:

$$\operatorname{sinc} t := \begin{cases} \dfrac{\sin t}{t}, & \text{агар } t \neq 0, \\ 1, & \text{агар } t = 0. \end{cases} \tag{2.2.11}$$

Теоремаи зерин як навъ умумикардашудаи натиҷаи (2.2.8) бо характеристикаи экстремалии (2.2.10) ба шумор меравад.

Теоремаи 2.2.1. *Бигузор* $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $0 < p \leq \infty$, $0 < h \leq \pi/n$, φ *– функсияи ғайриманфӣ, ченшаванда ва дар порчаи* $[0, h]$ *суммиронидашавандаи ба нул ғайриэквивалент бошад. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) =$$

$$= \sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{E_{n-1}(f)}{\left(\displaystyle\int_0^h \Omega_m^p(f^{(r)}, t)_2\, \varphi(t)dt\right)^{1/p}} = \frac{1}{\inf\limits_{n \leq k < \infty} \mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)}, \tag{2.2.12}$$

ки дар ин ҷо

$$\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) := 2^{m/2} \left(k^{rp} \int_0^h (1 - \operatorname{sinc} kt)^{mp/2}\, \varphi(t)dt\right)^{1/p}.$$

Исбот. Формулаи Эйлерро истифода бурда, қатори Фурйеи функсияи $f(x) \in L_2$ – ро дар намуди комплексӣ менависем:

$$f(x) = \sum_{k=-\infty}^{+\infty} c_k(f) e^{ikx}, \tag{2.2.13}$$

ки дар ин ҷо

$$c_k(f) = \frac{1}{2\pi} \int_0^{2\pi} f(x) e^{-ikx} dx, \ k = 0, \pm 1, \pm 2, ...$$

— коэффисиентҳои қатори Фурйеи функсияи f дар намуди комплексӣ мебошанд. Аз баробарии (2.2.13) барои ихтиёри функсияи $f(x) \in L_2^{(r)}$ навишта метавонем:

$$f^{(r)}(x) = \sum_{k=-\infty}^{+\infty} (ik)^r c_k(f) e^{ikx}. \tag{2.2.14}$$

Азбаски фарқияти тартиби m – ум аз руи вектори афзоиш $\overline{h} = (h_1, h_2, \ldots, h_m)$ бо формулаи

$$\Delta_{\overline{h}}^m f(x) = \Delta_{h_m} \cdots \Delta_{h_2} \Delta_{h_1} f(x) \tag{2.2.15}$$

муайян карда мешавад, ки дар ин ҷо

$$\Delta_h f(x) = f(x+h) - f(x)$$

аст, барои функсияи (2.2.14) намуди зеринро мегирад:

$$\Delta_{\overline{h}}^m f^{(r)}(x) = \sum_{-\infty}^{+\infty} (ik)^r c_k(f) e^{ikx} \prod_{\nu=1}^{m} (e^{ikh_\nu} - 1).$$

Азбаски функсияҳои $\{e^{ikx}\},\ k = 0, \pm 1, \pm 2, ...$ дар порчаи $[0, 2\pi]$ системаи ортогоналиро ташкил медиҳанд, он гоҳ баробарии Парсевалро барои ифодаи охирин татбиқ намуда, ҳосил мекунем:

$$\|\Delta_{\overline{h}}^m f^{(r)}(\cdot)\|_2 = 2^m \sum_{k=1}^{\infty} k^{2r} \rho_k^2 \prod_{\nu=1}^{m} (1 - \cos kh_\nu). \tag{2.2.16}$$

Баробарии (2.2.16) – ро дар формулаи (2.2.1) гузошта, баъди ҳисоб намудани интегралҳо, меёбем:

$$\Omega_m^2(f^{(r)}, t) = 2^m \sum_{k=1}^{\infty} k^{2r} \rho_k^2(f) \big(1 - \operatorname{sinc} kt\big)^m \geq$$

$$\geq 2^m \sum_{k=n}^{\infty} k^{2r} \rho_k^2(f) \big(1 - \operatorname{sinc} kt\big)^m. \tag{2.2.17}$$

Минбаъд аз яке аз шаклҳои нобаробарии Минковский, ки дар монографияи A. Pinkus [119, саҳ.204] оварда шудааст, истифода мекунем:

$$\left\{\int\limits_0^h \left(\sum_{k=n}^{\infty} |\widetilde{f}_k(t)|^2\right)^{p/2} dt\right\}^{1/p} \geq$$

$$\geq \left\{\sum_{k=n}^{\infty} \left(\int\limits_0^h |\widetilde{f}_k(t)|^p dt\right)^{2/p}\right\}^{1/2}, \ p > 0. \tag{2.2.18}$$

Гузориши $\widetilde{f}_k(t) := f_k(t) \cdot \varphi^{1/p}(t)$ – ро дохил намуда, аз (2.2.18) ҳосил мекунем:

$$\left\{\int\limits_0^h \left(\sum_{k=n}^{\infty} |f_k(t)|^2\right)^{p/2} \varphi(t)dt\right\}^{1/p} \geq$$

$$\geq \left\{\sum_{k=n}^{\infty} \left(\int\limits_0^h |f_k(t)|^p \varphi(t)dt\right)^{2/p}\right\}^{1/2}. \tag{2.2.19}$$

Ҳар ду тарафи нобаробарии (2.2.17) – ро ба дараҷаи $p/2$ $(p > 0)$ бардошта, ба функсияи вазнии $\varphi(t)$ зарб мезанем ва нисбат ба t аз фосилаи 0 то h интегронида, дар асоси формулаҳои (2.2.19) ва (2.1.1) навишта метавонем:

$$\left\{\int\limits_0^h \Omega_m^p(f^{(r)},t)\,\varphi(t)dt\right\}^{1/p} \geq$$

$$\geq 2^{m/2}\left\{\int\limits_0^h \left(\sum_{k=n}^{\infty} k^{2r}\rho_k^2(f)\big(1-\operatorname{sinc} kt\big)^m\right)^{p/2} \varphi(t)dt\right\}^{1/p} \geq$$

$$\geq 2^{m/2}\left\{\sum_{k=n}^{\infty}\left(k^{2r}\rho_k^p(f)\int\limits_0^h \big(1-\operatorname{sinc} kt\big)^{mp/2}\varphi(t)dt\right)^{2/p}\right\}^{1/2} =$$

$$= \left\{\sum_{k=n}^{\infty}\rho_k^2(f)\left(\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right)^2\right\}^{1/2} \geq E_{n-1}(f)\inf_{n\leq k<\infty}\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi),$$

ё ин ки аз ин ҷо

$$\frac{E_{n-1}(f)}{\left\{\int\limits_0^h \Omega_m^p(f^{(r)},t)\,\varphi(t)dt\right\}^{1/p}} \leq \frac{1}{\inf\limits_{n\leq k<\infty}\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)} \qquad (2.2.20)$$

Дар нобаробарии (2.2.20) аз руи ҳамаи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$ ба ҳудуди саҳеҳи болоӣ гузашта, якбора баҳои болоии характеристикаи экстремалии (2.2.10) – ро ҳосил мекунем:

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi,h) \leq \left\{\inf_{n\leq k<\infty}\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}^{-1}. \qquad (2.2.21)$$

Акнун ба ҳосил кардани баҳои поёнии характристикаи экстремалии (2.2.10), ки дар он $s = 1/p$ аст, мегузарем. Нишон додан мумкин аст, ки пайдарпайии ададии $\left\{\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\right\}_{k\in\mathbb{N},\,k\geq n}$ аз поён бо ягон адади мусбат маҳдуд мебошад, яъне сарҳади аниқи поёнии аз нул фарққунандаро доро мебошад.

Бо ин мақсад, функсияи $f_k(x) = \sin kx,\ k \in \mathbb{N}$, $k \geq n$, ки ба синфи функсияҳои $L_2^{(r)}$ дохил аст, дида мебароем. Азбаски барои ин функсия

$$E_{n-1}(f_k) = 1 \quad \text{ва} \quad \Omega_m(f_k^{(r)}, t) = k^r \Big\{2\big(1 - \operatorname{sinc} kt\big)\Big\}^{m/2}$$

аст, он гоҳ

$$\frac{E_{n-1}(f_k)}{\left\{\int\limits_0^h \Omega_m^p(f_k^{(r)}, t)\,\varphi(t)dt\right\}^{1/p}} \geq$$

$$\geq \frac{1}{\left\{2^{m/2}k^r \int\limits_0^h \big(1 - \operatorname{sinc} kt\big)^{m/2}\,\varphi(t)dt\right\}^{1/p}} = \frac{1}{\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)}$$

ва аз ин ҷо барои ихтиёри адади натуралии $k \geq n$ ҳосил мекунем:

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) \geq \Big\{\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\Big\}^{-1}.$$

Бо ба назар гирифтани таъриф ва хосиятҳои сарҳадҳои саҳеҳи болоӣ ва поёнии маҷмуҳои ададӣ, аз нобаробарии охирон навишта метавонем:

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) \geq \sup_{n\leq k<\infty} \Big\{\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\Big\}^{-1} = \Big\{\inf_{n\leq k<\infty} \mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\Big\}^{-1}. \tag{2.2.22}$$

Аз муқоисакунии нобаробариҳои (2.2.21) ва (2.2.22), баробарии талабкардашудаи (2.2.12) – ро ҳосил мекунем. Теоремаи 2.2.1 исбот карда шуд.

2.3. Баъзе натиҷаҳои муҳиме, ки аз теоремаи 2.2.1 бармеоянд

Аз теоремаи 2.2.1 як қатор натиҷаҳои муҳим ба даст оварда мешаванд, ки дар тадқиқи масъалаҳои экстремалӣ нақши калидӣ доранд.

Натиҷаи 2.3.1. *Бигузор* $0 < h \leq 3\pi/(4n)$ *ва шартҳои теоремаи 2.2.1 ҷой дошта бошанд. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{K}_{m,n,r,p,1/p}(\varphi, h) = \left\{\mathscr{B}^{r,m}_{n,h,p}(\varphi)\right\}^{-1}. \qquad (2.3.1)$$

Исбот. Дар асоси хосиятҳои функсияи $g(t) := \operatorname{sinc} t$ (нигаред, масалан ба [59, с.129, 132]), барои ҳаргуна $x \geq 1$ ва $0 < y \leq 3\pi/4$ нобаробарии

$$g(y) \geq g(xy)$$

– ро ҳосил мекунем. Он гоҳ нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$x^{\gamma}\big(1 - g(xy)\big)^{\alpha} \geq \big(1 - g(y)\big)^{\alpha}, \qquad (2.3.2)$$

ки дар ин ҷо γ ва α — ададҳои ихтиёрии мусбат мебошанд. Бигузор

$$x = \frac{k}{n},\ k, n \in \mathbb{N},\ k \geq n; \quad y = nt,\ 0 < t \leq h; \quad \gamma = rp; \quad \alpha = \frac{mp}{2}$$

бошанд. Он гоҳ аз нобаробарии (2.3.2) навишта метавонем:

$$k^{rp}\big(1 - \operatorname{sinc} kt\big)^{mp/2} \geq n^{rp}\big(1 - \operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2}. \qquad (2.3.3)$$

Ҳар ду тарафи нобаробарии (2.3.3) – ро ба функсияи вазнии $\varphi(t)$ зарб зада, нисбат ба тағйирёбандаи t аз фосилаи 0 то h меинтегронем. Он гоҳ, ҳар ду тарафи нобаробарии ҳосилшударо ба дараҷаи $1/p$ бардошта, ба адади $2^{m/2}$ зарб мезанем, дар натиҷа ҳосил мекунем:

$$2^{m/2}\left(k^{rp}\int\limits_0^h(1-\operatorname{sinc}kt)^{mp/2}\,\varphi(t)dt\right)^{1/p}\geq$$

$$\geq 2^{m/2}\left(n^{rp}\int\limits_0^h(1-\operatorname{sinc}nt)^{mp/2}\,\varphi(t)dt\right)^{1/p},$$

ё ин ки аз ҷо

$$\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)\geq\mathscr{B}_{n,h,p}^{r,m}(\varphi),\quad k\geq n.$$

Дар асоси ифодаи ҳосилшуда аз формулаи (2.2.12) баробарии талабкардашудаи (2.3.1) – ро ҳосил мекунем. Натиҷаи 2.3.1 исбот карда шуд.

Агар дар формулаи (2.3.1) қимати $p=2$ ва $\varphi(t)\equiv 1$ гузорем, он гоҳ яке аз натиҷаҳои Шабозов М.Ш., Вакарчук С.Б., Забутная В.И. – ро аз кори [88] ҳосил мекунем:

$$\sup\left\{\frac{n^{r-1/2}E_{n-1}(f)}{\int\limits_0^h\Omega_m^2(f^{(r)},t)dt}:\ f\in L_2^{(r)},\ f\neq\text{const}\right\}=$$

$$=\left\{2^m\int\limits_0^{nh}\big(1-\operatorname{sinc}t\big)^m dt\right\}^{-1/2}.$$

Гузориши

$$Si(\tau):=\int\limits_0^\tau\operatorname{sinc}t dt$$

– ро ҳамчун синуси интегралӣ дохил намуда, функсияи $\Omega_m(t)$ – ро дар нуқтаи $t=0$ чунон муайян мекунем, ки $\Omega_m(f,0)=0$ бошад, ки дар ин ҷо $f \in L_2$ аст.

Натиҷаи 2.3.2. *Бигузор* $0<\tau\le 3\pi/4$; $m,n\in\mathbb{N}$ *ва*

$$\beta(\tau):=\frac{Si(\tau)-\sin\tau}{\tau-\sin\tau},\quad \eta(p):=\big(1+mp/2\big)^{1/p}$$

бошанд. Агар ҳангоми қимати қайдкардашудаи $0<p\le 2$ *барои ҳаргуна элементи* $f\in L_2^{(r)}$, $r\in\mathbb{Z}_+$ *функсияи* $\Omega_m^p(f^{(r)})$ *дар порчаи* $[0,3\pi/(4n)]$ *барҷаста ба боло бошад, он гоҳ бузургии наздиккунии беҳтарини полиномиалии функсияи* f *нобаробарии зеринро қаноат мекунонад:*

$$E_{n-1}(f)\le\frac{\eta(p)}{n^r}\big(2(1-sinc\,\tau)\big)^{-m/2}\Omega_m\big(f^{(r)},\tau\beta(\tau)/n\big).$$

Агар функсияи $\Omega_m^p(f^{(r)})$ *барои ҳар як қимати* p *аз порчаи* $[p_*,p^*]\subset(0,2]$ *барҷаста ба боло дар сегменти* $[0,3\pi/(4n)]$ *бошад, он гоҳ*

$$E_{n-1}(f)\le\frac{\eta(p^*)}{n^r}\big(2(1-sinc\,\tau)\big)^{-m/2}\,\Omega_m\big(f^{(r)},\tau\beta(\tau)/n\big)$$

мешавад.

Исбот. Натиҷаи 2.3.1 – ро истифода бурда, барои функсияи $f\in L_2^{(r)}$ навишта метавонем:

$$E_{n-1}(f)\le 2^{-m/2}n^{-r}\left\{\frac{\displaystyle\int_0^h\Omega_m^p(f^{(r)},t)\,\varphi(t)dt}{\displaystyle\int_0^h\big(1-\mathrm{sinc}\,nt\big)^{mp/2}\varphi(t)dt}\right\}^{1/p}. \tag{2.3.4}$$

Акнун гузориши $\sigma(t) = -\operatorname{sinc} nt$, ки дар ин ҷо $0 < t \leq 3\pi/(4n)$ аст, дохил намуда, барои $\varphi(t) = d\sigma(t)/dt$ меёбем:

$$\int_0^h \big(1 - \operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2} \varphi(t)dt = \int_0^h \big(1 - \operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2} \sigma'(t)dt =$$

$$= \int_0^h \big(1 - \operatorname{sinc} nt\big)^{mp/2} d\big(1 - \operatorname{sinc} nt\big) = \Big(\frac{mp}{2} + 1\Big)^{-1} \big(1 - \operatorname{sinc} nh\big)^{mp/2+1}.$$

Аз нобаробарии Йенсен истифода мебарем, ки онро дар шакли зерини барои мо муҳим менависем (нигаред, масалан, [52, с. 288]).

Бигузор $\mathscr{L}$ *— функсияи бефосилаи барҷаста ва дар нимтири* $\mathbb{R}_+$ *додашуда бошад. Агар функсияҳои* ψ *ва* q *дар порчаи* $[a, b]$ *муайян буда, функсияи* ψ *ченшаванда ва охирнок бошад, функсияи* q *гайриманфӣ,* q *ва* $\psi \cdot q$ *суммиронидашаванда ва* $\int_a^b q(t)dt > 0$ *бошад, он гоҳ нобаробарии зерин ҷой дорад:*

$$\frac{\int_a^b \mathscr{L}\big(\psi(t)\big) q(t)dt}{\int_a^b q(t)dt} \leq \mathscr{L}\left(\frac{\int_a^b \psi(t)\, q(t)dt}{\int_a^b q(t)dt}\right).$$

Азбаски, мувофиқи шарт, $\Omega_m^p(f^{(r)})$ — дар сегменти $[0, 3\pi/(4n)]$ функсияи барҷаста мебошад, пас дар формулаи охирон $\mathscr{L} = \Omega_m^p(f^{(r)})$, $q = \varphi$, $\psi = t$, $a = 0$, $b = h$, ки $0 < h \leq 3\pi/(4n)$ гузошта, ҳосил мекунем:

$$\frac{\int\limits_0^h \Omega_m^p(f^{(r)},t)\varphi(t)dt}{\int\limits_0^h \varphi(t)dt} \le \Omega_m^p\left(f^{(r)};\ \frac{\int\limits_0^h t\,\varphi(t)dt}{\int\limits_0^h \varphi(t)dt}\right).$$

Бо дарназардошти шакли зикршудаи функсия $\varphi = \sigma'$, аз ин нобаробарӣ ба натиҷаи зерин мерасем:

$$\int\limits_0^h \Omega_m^p(f^{(r)},t)\sigma'(t)dt \le \big(1-\operatorname{sinc} nh\big)\Omega_m^p\left(f^{(r)};\ \frac{h\big(Si(nh)-\sin(nh)\big)}{nh-\sin(nh)}\right).$$

Аз нобаробарии охирон ва ифодаи (2.3.4), ҳангоми $h = \tau/n$, баҳои болоии бузургии наздиккунии беҳтарини полиномиалии функсияи f – ро ҳосил мекунем, ки дар асоси гузоришҳои дар боло дохилшуда ба намуди зерин навишта мешавад:

$$E_{n-1}(f) \le \eta(p)\,n^{-r}\big(2(1-\operatorname{sinc}\tau)\big)^{-m/2}\,\Omega_m\big(f^{(r)};\tau\beta(\tau)/n\big).$$

Фарз мекунем, ки функсияи $\Omega_m^p\big(f^{(r)}\big)$ барои ҳаргуна қиматҳои $p \in [p_*, p^*] \subset (0,2]$ барҷаста ба боло бошад. Азбаски дар нобаробарии охирон аз қимати p фақат бузургии η вобаста аст ва чи хеле, ки маълум аст вай қимати хурдтаринро дар нуқтаи $p = p{*}{*}$ доро мешавад, он гоҳ ҳангоми аз боло баҳодиҳии бузургии наздиккунии беҳтарин $E_{n-1}(f)$ ба ҷои қимати ададии $\eta(p)$ мо қимати $\eta(p^*)$ – ро истифода мебарем. Натиҷаи 2.3.2 исбот шуд.

Акнун қимати бузургии $\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi)$ – ро барои $h = a/n$ $(0 < a \le \pi)$ ва

$\varphi(t) = q(nt)$ дар намуди зерин менависем:

$$\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) := 2^{m/2}\left\{k^{rp}\int\limits_0^{a/n}(1-\operatorname{sinc} kt)^{mp/2}\,q(nt)dt\right\}^{1/p} =$$

$$= 2^{m/2}\,n^{r-1/p}\left\{\left(\frac{k}{n}\right)^{rp}\int\limits_0^{a}\bigl(1-\operatorname{sinc}(kt/n)\bigr)^{mp/2}\,q(t)dt\right\}^{1/p}.$$

Аз ин ҷо нобаробарии зеринро ҳосил мекунем:

$$\inf_{n\le k<\infty}\mathscr{B}_{k,h,p}^{r,m}(\varphi) \ge 2^{m/2}\,n^{r-1/p}\inf_{x\ge 1}\left\{x^{rp}\int\limits_0^{a}\bigl(1-\operatorname{sinc} xt\bigr)^{mp/2}\,q(t)dt\right\}^{1/p}.$$

Дар асоси теоремаи исботкардашудаи 2.2.1 ва бо истифода аз мулоҳизаҳое, ки дар кори [46, с. 788-789] оварда шудааст, натиҷаи зерин ба даст меояд.

Натиҷаи 2.3.3. *Бигузор* $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $0 < p \le 2$, $q(t)$ – *функсияи ғайриманфӣ, ченшаванда ва дар порчаи* $[0, a]$ $(0 < a \le \pi)$ *суммиронидашавандаи ба нол ғайриэквивалент бошад. Он гоҳ нобаробарии зерин ҷой дорад:*

$$\{\Phi_{m,r,p}(a,q,1)\}^{-1/p} \le$$

$$\le \sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{2^{m/2}\,n^{r}E_{n-1}(f)}{\left\{\int\limits_0^{a}\Omega_m^p(f^{(r)},t/n)\,q(t)dt\right\}^{1/p}} \le \left\{\inf_{x\ge 1}\,\Phi_{m,r,p}(a,q,x)\right\}^{-1/p}, \quad (2.3.5)$$

ки дар ин ҷо

$$\Phi_{m,r,p}(a,q,x) = x^{rp}\int\limits_0^{a}\bigl(1-sinc\,xt\bigr)^{mp/2}q(t)dt.$$

Дар ин ҳолат, агар функсияи q *чунон бошад, ки барояш*

$$\inf_{x\geq 1}\Phi_{m,r,p}(a,q,x)=\Phi_{m,r,p}(a,q,1)$$

шавад, он гоҳ баробарии

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{2^{m/2}\,n^rE_{n-1}(f)}{\left\{\int\limits_0^a\Omega_m^p(f^{(r)},t/n)\,q(t)dt\right\}^{1/p}}=\{\Phi_{m,r,p}(a,q,1)\}^{-1/p}$$

ҷой дорад.

Натиҷаи 2.3.4. *Бигузор* $m,n\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$, $0<p\leq 2$ *ва* $q(t)=t^{rp-1}q_1(t)$ *функсияи дар порчаи* $[0,a]$ $(0<a\leq\pi)$ *ғайриманфӣ, ченшаванда ва суммиронидашаванда буда,* q_1 *— функсияи афзуннашаванда ва ба нол ғайриэквивалент бошад. Он гоҳ баробарии*

$$\inf_{x\geq 1}\Phi_{m,r,p}(a,t^{rp-1}q_1(t),x)=\Phi_{m,r,p}(a,t^{rp-1}q_1(t),1)\tag{2.3.6}$$

ҷой дошта, формулаи зерин дуруст аст:

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{2^{m/2}\,n^rE_{n-1}(f)}{\left\{\int\limits_0^a\Omega_m^p(f^{(r)},t/n)\,t^{rp-1}q_1(t)dt\right\}^{1/p}}=\left\{\Phi_{m,r,p}(a,t^{rp-1}q_1(t),1)\right\}^{-1/p}.\tag{2.3.7}$$

Исбот. Барои исбот дурустии ифодаи (2.3.6) – ро нишон медиҳем, чунки баробарии (2.3.7) якбора аз формулаи (2.3.5)-и натиҷаи 2.3.3 мебарояд.

Бо ин мақсад, гузориши зеринро дохил мекунем:

$$q_2(t)=\Big\{\,q_1(t),\ \text{агар}\ 0\leq t\leq a;\quad q_1(a),\ \text{агар}\ \ a\leq t<\infty\,\Big\}.$$

Барои ҳамаи қиматҳои $x \geq 1$ навишта метавонем:

$$\Phi_{m,r,p}\big(a, t^{rp-1}q_1(t), x\big) = x^{rp} \int\limits_0^a \big(1 - \operatorname{sinc} xt\big)^{mp/2} t^{rp-1} q_1(t) dt =$$

$$= \int\limits_0^{ax} \big(1 - \operatorname{sinc} t\big)^{mp/2} t^{rp-1} q_2(t/x) dt \geq \int\limits_0^{ax} \big(1 - \operatorname{sinc} t\big)^{mp/2} t^{rp-1} q_2(t) dt \geq$$

$$\geq \int\limits_0^a \big(1 - \operatorname{sinc} t\big)^{mp/2} t^{rp-1} q_1(t) dt = \Phi_{m,r,p}\big(a, t^{rp-1}q_1(t), 1\big),$$

яъне формулаи (2.3.6) ҷой дорад ва аз ин ҷо натиҷаи 2.3.4 исбот шуд.

Эзоҳ: Қайд кардан зарур аст, ки натиҷаи 2.3.4 ҳангоми $p = 2$ дар кори А.А. Лигун [46] исбот шуда буд.

Ба ифодаи $\mathscr{B}^{r,m}_{k,h,p}(\varphi)$, ки дар матни теоремаи 2.2.1 ҷорӣ шуда буд, бозмегардем ва муайян мекунем, ки функсияи φ бояд дорои кадом хосиятҳои дифференсиалӣ бошад, то баробарии

$$\inf_{n \leq k < \infty} \mathscr{B}^{r,m}_{k,h,p}(\varphi) = \mathscr{B}^{r,m}_{n,h,p}(\varphi). \tag{2.3.8}$$

иҷро гардад. Ба ин савол леммаи зерин ҷавоб медиҳад.

Леммаи 2.3.1. *Бигузор $\varphi(t)$ — функсияи дар порчаи $[0, h]$ ғайриманфӣ ва дифференсиронидашаванда дар интервали $(0, h)$ $(0 < h \leq \pi/n)$ бошад. Агар барои ҳаргуна $r \in \mathbb{N}$, $1/r \leq p \leq 2$ ва ихтиёри $t \in (0, h)$ нобаробарии*

$$(rp - 1)\varphi(t) - t\varphi'(t) \geq 0 \tag{2.3.9}$$

иҷро гардад, он гоҳ баробарии (2.3.8) иҷро мегардад.

